ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ - ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

# БАРНОМАИ
# ТАЪЛИМӢ ВА ТАВСИЯҲОИ ПЕДАГОГӢ
# АЗ ФАННИ ПЕДАГОГИКА ВА МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ
# ДАР МАКТАБИ ОЛӢ

(Барои омӯзгорони курсҳои омӯзишии фанни педагогика ва методикаи таълим дар муассисаҳои таълимии ғайрипедагогӣ)

Душанбе 2024

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ - ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

# БАРНОМАИ
# ТАЪЛИМӢ ВА ТАВСИЯҲОИ ПЕДАГОГӢ
# АЗ ФАННИ ПЕДАГОГИКА ВА МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ
# ДАР МАКТАБИ ОЛӢ

Барои омӯзгорони курсҳои омӯзишии фанни педагогика ва методикаи таълим дар муассисаҳои таълимии ғайрипедагогии олӣ пешниҳод мешавад.

Барнома дар кафедраи психологияи тиббии МТҒ «Донишкадаи тиббӣ – иҷтимоии Тоҷикистон» омода шудааст.

Муаллиф:
номзади илмҳои педагогӣ З. Ҷ. Наимов
Муқарризон:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор К. Қодиров
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Б. Маҷидова

Муҳаррир:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор А. Мирализода

Зери назари узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои тиб, профессор А. Ахмедов

Ҳуруфчин Муҳаммадиқболи З. Н.

Бо қарори Шурои маркazии илмӣ - методии МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон» аз «____» ____ 2024с. №_______барои нашр тавсия шудааст.

# НАҚШАИ

## КОРИ ФАННИ ПЕДАГОГИКА ВА МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ ДАР МАКТАБИ ОЛӢ

### (*БАРОИ ОМӮЗГОРОНИ КУРСҲОИ ОМӮЗИШИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИПЕДАГОГӢ*)

| № | НОМГӮИ МАВЗУҲО | лексия | амалӣ | ҷамъ |
|---|---|---|---|---|
| | **Боби 1. Назарияи тарбия дар мактаби олӣ** | | | |
| 1 | Педагогика танзимгари таҳсилот ва илми инсонофар | 2 | 2 | 4 |
| 2 | Муаллими мактаби олӣ - олим ва муҳаққиқ. Одоби касбӣ ва сифатҳои арзишманди устоди мактаби олӣ | 2 | 2 | 4 |
| 3 | Тарбия ҷавҳари илми педагогика. Тарбия ҳамчун раванди ҷаъмиятӣ ва иҷтимоӣ. Тарбияи ҳаётӣ | 2 | 2 | 4 |
| 4 | Назарияи ташкили тарбия дар мактаби олӣ. Хусусиятҳои тарбиявии таълим | 2 | 2 | 4 |
| | **Боби 2. Назарияи таълим дар мактабҳои олии тахассусӣ (дидактика)** | | | |
| 5 | Асосҳои назариявӣ ва педагогии техноло-гияи навини таълим | 2 | 2 | 4 |
| 6 | Ҷараёни таълимӣ-педагогӣ ва роҳҳои мукаммалшавии он дар мактабҳои тахассусӣ | 2 | 2 | 4 |
| 7 | Назарияи фаъолияти таълимии педагог чун сомонаи донишҳои илмӣ | 2 | 2 | 4 |
| 8 | Таълим ҳамчун системаи функсионалӣ ва қисми таркибии системаи педагогӣ дар мактаби олӣ | 2 | 2 | 4 |
| 9 | Фаъолияти таълимӣ ва масъаланокии раванди таълим дар мактаби олӣ | 2 | - | 2 |
| 10 | Системаи таълим дар мактабҳои як қатор мамлакатҳои хориҷӣ | 2 | | 2 |
| | **Боби 3. Метод, методология ва методҳои таълим дар мактаби олӣ** | | | |
| 11 | Методология ва методҳои илмӣ – тадқиқотии фанни педагогика | 2 | 2 | 4 |
| 12 | Истифодаи методҳои муосири таълим дар мактаби олӣ | 2 | 2 | 4 |
| 13 | Методҳои омӯзиши фаъол дар тайёр намудани мутахассисони соҳаи иҷтимоӣ | 1 | 1 | 2 |
| 14 | Методи воридсозӣ ба фазои иҷтимоӣ-педагогӣ | 1 | 1 | 2 |
| 15 | Методи бавуҷудоварии ҳолатҳои масъалавӣ | 1 | 1 | 2 |
| 16 | Методи баромадан аз ҳолатҳои мураккаб | 1 | 1 | 2 |
| 17 | Методи роҳнамоӣ барои ҳалли вазифаҳо | 1 | 1 | 2 |
| 18 | Методи зудамамалӣ дар марҳилаҳои омӯзиш (кейс-стади) | 1 | 1 | 2 |
| 19 | Методи лоиҳа дар таълим | 1 | 1 | 2 |
| 20 | Методи нақшофарӣ | 1 | 1 | 2 |
| 21 | Методи таҳрикдиҳандаи ҳолатҳо | 1 | 1 | 2 |
| 22 | Методи навсозии ҳолатҳо дар ҷараёни таълим | 1 | 1 | 2 |
| | **Дар маҷмуъ** | **34** | **30** | **64** |

# МУҚАДДИМА

Имрӯз сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон ба дурустӣ дарк намудааст, ки пешрафти ҷомеаи инсонӣ ва бахусус ҷомеаи Тоҷикистон аз дуруст ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия дар мактабҳои миёна ва олӣ, ба вуҷуд овардани таҳаввулотҳои ҷиддӣ дар системаи раванди педагогӣ, сатҳи омода намудани мутахассисони оянда – барпокунандагони ҷамъияти навини демократӣ вобаста аст.

Дар ин замина нигоҳи ҷадид ба илмҳои тарбиятӣ, аз ҷумла ба илми педагогика, ки танзимгари фаъолияти таълимӣ ва омӯзишии инсон ба шумор меравад, андохтан зарур аст. Ҳадафи муҳими илми педагогика тарбияи шахсияти фаъоли соҳибмаърифату соҳибкасб ва созанда мебошад.

Раванди инкишофи ҷомеаи инсонӣ илми педагогикаро ба табодули илм дар бораи таълиму тарбия ташаккул дода, ҳанӯз ба мақсади олии худ яъне, ташаккули инсони ҳаматарафа инкишофёфта, пурра нарасидааст.

Рушду тараққиёти мамлакат бевосита ба саъю талоши насли эҷодкор алоқаманд аст ва ҷомеаи имрӯзаи кишвари моро зарур аст, ки дар тарбияи ворисони соҳибмаърифату донишманд муносибати бомасъулият дошта бошад. Ба ҳамагон маълум аст, ки имрӯз дар ҷомеаҳои муосири ҷаҳон моҳият ва мазмуну мундариҷаи таълиму тарбия таҷдиди назар кардаанд ва ҷомеаи Тоҷикистон низ дар ин раванд канор нахоҳад монд.

Барнома дар мутобиқат бо тағйиротҳои солхои охир бавуҷудомада дар соҳаи педагогика, метод ва усулҳои педагогии таълими фанҳо дар мактабҳои олӣ ва бо назардошти ғояҳои муосири инкишофи инсон омода шудааст.

Моҳият ва мӯҳтавои барномаи таълимиро ташаккули донишҳои илмӣ ва шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта ташкил медиҳад, ки

тавониста бошад донишҳои гирифтаашро дар ҳаёти воқеӣ ва дар маърифати шахсияти худ ва атрофиён истифода барад.

Дар системаи умумии омодагии касбии донишҷӯёни тахассусҳои равияи ғайрипедагогӣ, фанни педагогика мақоми махсусро ишғол менамояд. Таълими комили ин фан ҳалли масъалаҳои зайлро дар назар дорад:

- тадқиқ ва муайянсозии қонуниятҳо дар соҳаи таълиму тарбия, идораи низоми таълим ва тарбия дар мактаби олӣ;
- равобити назарияҳои педагогӣ бо амалияи таълиму тарбия дар тайёр намудани мутахассисон;
- пешбинии инкишофи минбаъдаи системаҳои таълим;
- таҳия ва такмили роҳҳо, воситаҳо ва шаклҳои нави таълим ва тарбия дар мактаби олӣ;
- ҷорӣ намудани натиҷаҳои тадқиқоти педагогӣ дар амалияи омӯзиши фанҳои тахассусӣ;
- методҳои тадқиқоти педагогӣ;
- омӯзиш, ҷамъбаст, ва амалияи таҷрибаи педагогӣ;
- Омӯзиш ва таъсири ғояҳои муосири илми педагогика дар тафаккури эҷодии мутахассиси оянда ва ғ.

Машғулиятҳо дар барнома дар шакли лексия ва дарсҳои амалӣ гузаронида мешаванд. Лексияи муосир бояд дар худ методҳо ва усулҳои мухталифи таълим, гузориши проблема, таҳлил ва ҳалли масъалаҳои педагогӣ, кор бо нахустманбаъҳо, истифода бурдани воситаҳои аёнӣ, техникаи муосири педагогӣ ва мухталифро фаро гирад, вале бояд тазаккур дод, ки самаранокӣ ва сифати таълим пеш аз ҳама аз қобилият ва маҳорати педагогии устод вобастагӣ дорад. Тарзи ташкили машғулиятҳои лексионӣ, семинарӣ ва амалӣ, санъати сухан, истифодаи усулҳои фаъолгардонии донишҷӯён, мазмун ва муҳтавои мавзуҳои таълимӣ, банақшақшагирӣ ва амалисозии барномаҳои таълимӣ, маҳорати психологӣ ва дигар ҷиҳатҳои машғулиятҳои

назариявию амалӣ, ташаккули қобилияти азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳо аз ҷониби донишҷӯён аз устод вобастагии зиёд доранд.

Барнома фарогири 34 соат дарсҳои лексионӣ ва 30 соат дарсҳои амалӣ буда дар маҷмуъ 64 соати таълимиро ташкил медиҳанд.

## БОБИ I. НАЗАРИЯИ ТАРБИЯ ДАР МАКТАБИ ОЛӢ

### Мавзӯи №1
### Педагогика танзимгари таҳсилот ва илми инсонофар

**Масъалаҳои баррасишаванда:**

*1. Мафҳум, объект, субъект ва предмети педагогикаи мактаби олӣ;*
*2.Мафҳумҳои асосӣ, ҳадаф ва вазифаҳои педагогикаи мактаби олӣ ва аҳамияти омӯзиши он ҳамчун фан дар мактабҳои олӣ*
*3. Фалсафаи таҳсилоти муосир*

**АДАБИЁТ:**


*1) Асозода Х. Достони зиндагӣ. (ҷилди 2) Душанбе 2018с*
*2) Бочарова В. Г. Педагогика высщей школы – М.,1994.*
*3) Вопросы философии . Выпуск 11, 1995 год.*
*4) Давыдов В. В. Проблемы развивающегося обучения –М., 1986*
*5) З. Ҷ. Наимов, Низоми миллии ташаккули шахсият аз нигоҳи педагогӣ, - Маърифати омӯзгор,- Маҷалаи таълимӣ, методӣ, илмӣ ва оммавии Вазорати Маорифи Чумҳурии Тоҷикистон, №6, 2012. С. 2-5.*
*6) Мудрик А. В. Введение в педагогику. 1994 г.*
*7) Шарифзода Ф., Миралиев А. М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. /Зери назари академик М. Лутфуллоев. Душанбе: Ирфон,2012,-562с.*


**I.** Мафҳуми «Педагогика» ифодагари ду маъонист. Аввал – соҳаи донишҳои илмӣ ва илм, дуюм – соҳаи фаъолияти амалӣ, ҳунармандӣ ва санъат. Тарҷумаи «тахт-ул-лафзӣ» аз забони юнонӣ «роҳнамои тифл» ба маънии санъат, «санъати роҳнамоии кӯдак ба ҳаёт» яъне таълим додан, тарбия намудани ӯ ва роҳнамоӣ ба рушди ҷисмонӣ ва маънавӣ.

Илми педагогика се давраи ташаккулро фарогир буда, дар ташаккули инсони «комил» саҳми муҳим дорад.

Дар Тоҷикистон таҳти мафҳуми «педагог» асосан касби муаллимиро дар назар мегиранд. **Муҳаммад Раҷоӣ – донишвари бузурги иронӣ оид ба ин касб чунин мегӯяд: «Муаллимӣ ишқ аст, агар ӯро воситаи рӯзгузаронӣ пиндоштаӣ раҳояш кун ва агар ишқ бошад муборак аст».**

Талаботи рӯзафзуни ҳаёти ҷомеа ба муассисаҳои таълимию тарбиявӣ дар мустақил, алоҳида ва шакл гирифтани педагогика ҳамчун илм сабаб гардид, ки дар аввал ба тариқи «стихиявӣ» пайдо

шуда буданд. Аз ин рӯ метавон чунин шумурд, ки системаи таълиму тарбияро талаботи обйективонаи ҷомеа ба вуҷуд овард, ки дар оянда сабабгори асосии рушди ҷомеа гардид.

Мустақилияти ҳама гуна илм дар нисбати фанни (предмети) тадқиқотии ӯ муайян мешавад, ки аз ҷониби дигар илмҳо таҳқиқ намешавад.

Дар системаи умумии илмҳо ва системаи умумии «ашё ва донишҳо» педагогика ягона илмест, ки предмети таҳқиқот ва тадқиқоташро тарбияи инсон, яъне додани дониш ба хотири камоли матлуб интихоб намудааст.

Омӯзиши ҳама гуна илм аз таърихи пайдоишу инкишоф ва масъалаҳои баррасикунандаи он ибтидо мегирад.

Дар ҳақиқат ҳама гуна илм таърих ва нуқтаи назари табиӣ ва ҷамъиятии хешро дорад, ки омӯзиши масъалаҳояш аҳамияти бештареро барои сарфаҳм рафтани асосҳои назариявии он фан пайдо менамоянд.

Бе мавҷудияти гуфтаҳои боло ягон илм инкишоф намеёбад.

Рушди педагогика ҳамчун илм дар бораи тарбияи инсон бо мурури замон сарҳади таъсироташро васеъ намуда дар ҳаёти ҷомеа ба ҳайси илм дар бораи қонуниятҳои умумии раванди таълиму тарбияи инсон новобаста аз синусол ва дигар хусусиятҳои инсонӣ шинохта шудааст.

Вобаста аз талаботи замон имрӯз илми педагогика вазифаҳои хеле зиёдро аз қабили тадбиқ ва муайянсозии қонуниятҳо дар соҳаи таълиму тарбия, идораи низоми таълим ва тарбия, омӯзиш ва ҷамбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ, пешбинии инкишофи минбаъдаи системаҳои таълим, таҳия ва такмили роҳҳо, воситаҳо ва шаклҳои нави таълиму тарбия, ҷорӣ намудани натиҷаҳои тадқиқотҳои педагогӣ дар амалияи омӯзиш ва ғайраро ба зимаи худ гирифта, барои инсоният хизмат намуда истодааст.

**Педагока илмест, ки роҳи дурусти доро шудан ба ахлоқи накӯ, таълими дуруст ва маълумоти ҳарҷӣ бештари фарогири ҳама ҷанбаҳои ҳаёти инсонро ба сӯи тафаккури созанда барои тараққиёт ва ҳаёти босаодати инсон нишон медиҳад.**

**II.** Рушди ҳама гуна илм назарияи худро ғанӣ гардонида, мазмун ва мундариҷаи навинро касб мекунад, ки педагогика низ аз ин ҳолат бархурдор аст. Дар замони муосир мафҳуми педагогика фарогири мантиқи фасеҳи маҷмӯи илмҳои мустақили педагогиро ифода менамояд.

Илми педагогика ин натиҷаи омӯзиши тадқиқотҳои бисёрсолаи қонуниятҳои ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият аст. Мусаллаҳ будани инсон ба донишҳои педагогӣ ба ӯ ёрӣ мерасонад, ки аз ӯҳдаи ҳалли ҳама гуна вазъиятҳои носолими педагогӣ ва ҳаётӣ, ҳатто аз вазъиятҳои носолим дар ҷомеа низ баромада тавонад. Баҳси кӯҳнае, ки педагогика илм аст ва ё санъат дар таҷриба ошкор мегардад. Таҷрибаҳо нишон додаанд, ки бе донистани донишҳои педагогӣ ва илмҳои тарбиятӣ санъати тарбия ба вуҷуд намеояд. Донистани қонуниятҳои таълиму тарбия, мусаллаҳ будан ба методҳои ҷараёни таълим ин асоси маҳорати педагогӣ ва санъати педагогии муаллим ба ҳисоб меравад. Барои мусаллаҳшавӣ ба донишҳои педагогӣ лозим аст, ки инсон ҳамзамон ба фаоълияти илмӣ низ шуғл дошта бошад, ки дар ин замина «база» санъати педагогӣ ҳамчун ҷӯзъи ҷудонопазири фаъолияти педагогӣ рушд менамояд.

Педагог шудан на ба ҳар кас муясар мегардад. Педагог инсонест, ки дорои истеъдод, майлу рағбату хоҳиши рӯҳӣ ба касб, боварии комил ба касби интихобкарда, беқарории ҳамешагӣ, ҷаҳду талош, серталабӣ дар нисбати худ ва бо шубҳа нигаристан ба муваффақиятҳоро чавҳари маънии зиндагии худ қарор додааст. Ин роҳи мураккаб, пурпечутоб ва заҳматталаби зиндагист.

Ба Шумо маълум аст, ки илми педагогикаро доираи шавқӣ атрофи чор мафҳум аст ва ҳамеша сайри ин чор мафҳуми асосӣ дорад, ки асосан ташаккулдиҳандаи шахсити «комил» буда, аз оддитарин қоида ва талаботи педагогӣ ба шумор меравconfigured. **Инҳо тарбия, таълим, маълумот ва инкишоф мебошанд, ки бояд фарогири ҳар як дарс новобаста аз фанни таълимӣ ва мавзӯи таълим бошанд. Яъне ҳар як дарс бояд дар баробари додани дониши нав инсонро ба сӯи созандагӣ тарбия намояд ва дорои методи таълимии ҳарчӣ бештари таъсиррасонӣ бошад, ки инсонро заррае бошад ҳам маълумотнок гардонида тафаккури ӯро инкишоф бидиҳад.**

**Роҳнамоии касбӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ бошанд равшангари роҳи «камолот» ба сӯи ҳар қуллаи зиндагиофар буда, ҳамсафари ниҳонӣ ва мудовими ин чор талаботи тиллоии илми педагогика ба ҳисоб мераванд.**

Мафҳуми тарбияро 10 қисмати таркибӣ мавҷуд аст. Қисмати аввал яке аз муҳимтарин қисми таркибии тарбия буда ӯро ном **«Ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ»** мебошад, яъне тамомияти раванди таълиму тарбияро бо истифода аз мафҳумҳои педагогӣ пеш аз ҳама ба вуҷуд овардани ҷаҳонбинии илмӣ ташкил медиҳад, ки роҳи асосии ташаккули фардро ба сӯи камолот мекушояд.

Ташаккул ва инкишоф - ин ҳаракатҳое мебошанд аз поён ба боло, аз оддӣ ба мураккаб, аз номуккамалият ба муккамалшавӣ.

Дар илми педагогика рушдро ба се навъ ҷудо месозанд, **рушди рӯҳӣ, рушди ҷисмонӣ, ва рушди умумии шахсият.** Рушди рӯҳӣ ин инкишофи ақлӣ, ирода, ҳиссиёт ва ҳамчунин талабот, қобилият ва хулқи шахсият аст. Рушди ҷисмонӣ ин инкишофи организм, мушакҳо серҳаракатии узвҳо ва ғайраро дар бар мегирад. Рушди умумӣ ин инкишофи рӯҳӣ ҷисмонӣ, маънавӣ ва дигар сифатҳои шахсиятро фарогир аст.

Ҷойгоҳи илми Педагогика дар системаи илмҳои инсоншиносӣ бо он муайян мешавад, ки вай қонуниятҳои ташаккул - инкишоф, тарбия, таълим ва маълумоти шахсиятро таҳқиқ менамояд.

Инкишофи инсон ин ҷараёни ташаккули шахсияти ӯ зери таъсири омилҳои дохилию берунӣ, идорашаванда ва идоранашаванда, иҷтимоӣ ва табиӣ мебошад.

Инсон шудан хулосаи тамоми сайру сулук ва барномаву тариқатҳои рӯҳонист, ки бузургони олам барои шинохтани ҳамин асолат талош кардаанд ва дар ҳамин қаламрави ошнову ношинос то абад пуйёву пойё мондаанд. Каломи хуҷастаи «Эй Инсон» борҳо дар китобҳои муқаддас аз ҷумла дар Қуръони Карим муқаррар шудааст ва Инсон аст, ки бори амонат дар дӯш ва гавҳари муҳаббат дар дил мавриди хитоби қудсӣ қарор гирифтааст.

Инсон аз нигоҳи илмӣ ин маҷмӯи омилҳои биологию иҷтимоӣ мебошад. Дар ташаккули шахсияти ӯ нақши асосиро муҳити иҷтимоӣ мебозад. Дар ҳар давру замон фалсафаи Инсон ин воридшавӣ ба марҳилаи инсонӣ ва мақсади фалсафаи маориф ташаккули шахсияти олӣ буд ва мебошад.

Педагогика аз ҷумлаи илмҳое мебошад, ки моро аз нигоҳи тарбият ба доруссаломи дили Инсон даъват мекунад, яъне ба хилватсарои номакшуфе, ки дар он розҳою овозҳою эъҷозҳо зиндагонии ҷовидон доранд ва муаллим аст, ки бояд камари ҳиммат барои зоҳир кардани ин розҳою, овозҳою, эъҷозҳо барбандад.

Мавзӯи ҷавҳарии илми педагогика низ ҳамин «нуктаи кучактарин»-у бузургтарин аст: Ҷаҳону инсон ва ҷаҳони инсон, ки вусъати нӯҳ фалакро кашф мекунаду месипарад ва боз ҳам худро дар панҷараҳои масдуд асир мебинад.

Ҷомеаи инсонӣ, ки тобеъи қонунҳои умумитарин ва махсуси инкишофи ҷамъият мебошад дар ҳама марҳилаҳо вобаста ба талаботи

ҷомеа ташаккули шахсиятҳоеро ба миён меоварад, ки онҳо боиси рушди ҷомеа гарданд.

Мавзӯи педагогикаи мактаби олӣ бошад, тарбияти инсон – мутахассисро ба роҳ мемонад, ки тамоми пешрафтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангӣ маҳз аз фаъолияти ӯ вобаста аст. Бо назардошти ин талабот дар илми педагогика шохаи нав - яъне ***педагогикии мактаби олӣ*** арзи вуҷуд кард.

**Педагогикаи мактаби олӣ** – ***ин назария ва амалияи дониш, танзим ва бароҳандозии таълиму тарбияест, ки шахсияти инсон-мутахассисро ба шаклу рафтори дуруст дар ҷомеа ба роҳ мемонад*. Нақшаи №1.**

***Сохтори фанни педагогика барои мактабҳои олии тахассусӣ ҳамчун фанни таълимӣ***




**II.** Асосҳои методологии педагогикаи мактаби олӣ дар маънии васеъ ин назария, ҳолатҳои фарзиявӣ (консептуалӣ) ва донишҳое мебошанд, ки дар муносибат ба донишомӯзони мактаби олӣ функсияҳои методологиро иҷро менамоянд. Онҳо аз ҷониби илмҳои фалсафӣ – фалсафаи мориф, фалсафаи иҷтимоӣ, педагогика, психология, психологияи иҷтимоӣ, кори иҷтимоӣ, этнография,

сотсиология, медитсина ва дигар илмҳо коркард мешаванд. Дар маънии маҳдуд бошад ин мақсад, принсипҳои сохторӣ ва шаклҳои ташкили усулҳои илмии азхуднамоии донишҳои педагогии мутахассиси оянда мебошад.

*Мафҳумҳои асосии педагогикаи мактаби олӣ инҳоянд:*

*- Ҷараёни педагогии ташаккули шахсият-мутахассис;*

*- Фаъолияти илмӣ- педагогӣ дар мактаби олӣ;*

*-Инкишофи илмҳои педагогӣ бо дарназардошти талаботҳои маълумоти олӣ;*

*- Тарбияи шахсият- мутахассиси оянда;*

*- Мутобиқшавӣ ва номутобиқат;*

*- Иҷтимоишавии шахсияти мутахассис;*

*- Азнавтарбиянамоӣ ва бозомӯзӣ дар таҷриба;*

*- Ислоҳшавии иҷтимоӣ-педагогӣ дар ҷараёни кору фаъолият;*

*- Азнавтарбиянамоӣ.*

Моҳияти ин мафҳумҳо вобаста аз фаслҳои (бобҳо) барнома дида баромада хоҳанд шуд.

**Объекти педагогикаи мактаби олӣ -** ин *инсон-мутахассис бо хусусиятҳои фардӣ ва раванди иҷтимоикунонияш мебошад.*

**Предмети педагогикаи мактаби олӣ -** *ин раванди ташаккулёбӣ ва инкишофи муассисаҳои таълимие мебошанд, ки дар онҳо шахсияти мутахассиси оянда тавлид ёфта, мақоми (статуси) иҷтимоӣ ва вазифаҳои иҷтимоии ӯ муайян мегарданд.*

Шахсияти инсон – ин натиҷаи таъсирот ва баҳамтаъсиррасонии омилҳои мухталиф аст. Баъзеи онҳо каму зиёд новобаста аз ирода ва шуури инсон таъсир мерасонанд. Аз ҷумла:

1. *Омили табиӣ ва биологии инсон;*
2. *Муносибатҳои ҷамъиятӣ;*
3. *Таасуроти психологияи ҷамъиятӣ;*
4. *Тарзи ҳаёти ҷомеа;*

5. *Муҳити ҷуғрофӣ;*
6. *Шароитҳои микромуҳитӣ.*

Баъзеи дигар каму зиёд ба ирода ва шуури инсон вобастагӣ доранд. Ба онҳо медароянд:

1. *Идеология;*
2. *Фаъолияти давлат;*
3. *Фаъолияти муассисаҳои ҷамъиятӣ.*

Ба омили сеюм инкишофи махсус ташкилшуда шомил аст. Ҳамаи ин омилҳо дар маҷмӯъ ташаккули шахсияти инсонро ба вуҷуд меоранд. Аз ин бармеояд, ки ташаккули шахсияти инсон ин ҷараёни баҳамоии омилҳои мухталиф – табиӣ ва ҷамъиятӣ, дохилӣ ва берунӣ, омилҳои таъсирашон стихиявӣ ва мутобиқи талабот, омилҳо бо истифодаи воситаҳои муайян мебошад.

Тарбия, таълим, маълумот ва инкишоф низ ба ҷумлаи факторҳои асосии ташаккули шахсият шомиланд.

**III. Фалсафаи таҳсилоти муосирро дар шакли диаграмма пешниҳод менамоем. №1.**



## Мавзӯи №2
## Муаллими мактаби олӣ - олим ва муҳаққиқ. Одоби касбӣ ва сифатҳои арзишманди устоди мактаби олӣ

Тамоми донишмандони соҳаи тарбия иттифоқи назар доранд, ки шоҳсутуни амали таълимӣ ва тарбиявӣ омӯзгор ба ҳисоб меравад. Сирри муваффақият ба ҳама маъно дар шахсияти омӯзгор нуҳуфта аст. Дуруст қайд карда мешавад, ки ҷомеаҳоро на мутахассис балки муаллими мактабе, ки онҳоро тайёр мекунад ба пеш бурда ба мувафақият мерасонад. Аз ин нуқтаи назар бояд муаллим ва мураббӣ аз нигоҳи хусусиятҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ комилан омода бошад, то ба ин восита вазифаи пурмасъулияти худро ба таври аҳсант иҷро намояд. Шайхурраис Ибни Сино вобаста ба ин масъала чунин мегӯяд: «Тарбиякунандаи кӯдак бояд дорои сифоти зерин бошад: оқил, бодиёнат, донандаи хуби масоили тарбияи нафс, донандаи хуби роҳҳои тарбияи кӯдакон, бовиқору ҷиддӣ, хушахлоқу нармхӯ, зирак, ҷавонмард ва поксурату поктинат».

Мутахассисони соҳа маҷмуъае аз хусусиятҳои касби омӯзгориро зикр кардаанд, ки мавҷудияти он барои ҳар муаллим ва мураббӣ лозим ва зарурӣ шуморида мешавад.

**Якум: хусусиятҳои ҷисмӣ**

Хусусияти ҷисмии омӯзгор ба се нуктаи асосии зерин ҷудо мешавад:

1. Комилан солим бошад, то тавонад бо муваффақияти комил вазифаи касби омӯзгориро ба анҷом расонад;
2. Аз айбҳои чашмрас ва ошкор, монанди коҷчашм, лакнати забон ва ғайра, солим бошад. Зеро дар сурати мавҷудияти айбҳои зикргашта омӯзгор мавриди таҳқир ва масхараи шогирдон қарор мегирад. Билохира, дар адои вазифаи омӯзгорӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин сабаб аслан бояд устод тандуруст ва солим бошад;
3. Омӯзгор бояд нисбат ба сару либос ва сурати худ диққати ҷиддӣ зоҳир намояд. Бо сурати муносиб ва сару либоси тозаву озода ба

даргоҳ ҳозир шавад, зеро шогирдон одатан омӯзгорро барои худ идеал мешуморанд.

**Дуюм: Хусусиятҳои ақлӣ ва илмӣ**

Бузургтарин ҳиссаи муваффақияти омӯзгор ба заковат, ҳозирҷавобӣ ва жарнигарии ӯ вобаста аст. Муаллим бояд мулоҳизакор ва нозукбин буда барои муноқиша, мубоҳиса ва қаноатманд кардани шогирдон қудрат дошта бошад.

Зери мафҳуми хусусиятҳои ақлӣ ва илмии муаллим ва мураббӣ нуқтаҳои зерин дохил мешавад:

1. Заковат. Омӯзгор дар тамоми мароҳили таълим бояд соҳиби заковати баланд бошад, то ин ки барои расонидани маълумот ба зеҳни шогирдон аз беҳтарин ва саҳлтарин метод истифода намояд. Бо ин амал ӯ дар назди шогирдон соҳиби эҳтироми фавқулода мегардад ва шахсан худи омӯзгор дар баробари пурсиши шогирдон оҷиз намемонад ва эҳсоси шармсорӣ намекунад;

2. Омӯзгор бояд нисбати фанне, ки ба шогирдон таълим медиҳад огоҳии комил дошта бошад. Инчунин дар раванди таълим аз методҳои ҷадиди таълимӣ ба таври фаровон истифода намояд. Зеро методикаи таълим барои хидмати маводи дарсӣ ба вуҷуд омада аст;

3. Омӯзгори муваффақ ва боҳуш як-як шогирдонашро меомӯзад. Ҳолати равонӣ, ақлӣ, майлу рағбат ва истеъдоду қудрати онҳоро ба хубӣ аз худ мекунад. Бо ин васила тарзи муоширатро бо онҳо омӯхта, рисолати омӯзгории худро ба таври бояду шояд ба анҷом мерасонад;

4. Бояд омӯзгор аз соҳаи педагогикаи синну солӣ огоҳ бошад, то шогирдонро вобаста ба синну сол ва марҳилаҳои омӯзиш таълим диҳад. Ин амал дар сурате имконпазир мегардад, ки муаллим аз тамоми роҳу усули таълиму тарбия бохабар бошад. Дар баробари ин устод бояд ба тариқи ҳамешагӣ  кӯшиш ба харҷ диҳад,ки маълумоти фанниаш ҳамеша боло равад. Таълимоти қуръонӣ ҳам чуни наст, зеро Худованд ба Паёмбараш таълим додаст, ки чунин дуо кунад: «Ва бигӯ: «Худоё, илми маро бештар гардон»». *(Сураи Тоҳо, ояти 114).*

**Сеюм: Хусусиятҳои ахлоқӣ:**

Шубҳае нест, ки шахсияти омӯзгор дар ақлу равони шогирдон таъсири ниҳоят бузург мерасонад. Зеро онҳо зери таъсири шакли зоҳирӣ, ҳаракат, ишора, гуфтор ва ахлоқи ӯ қарор мегиранд. Шояд беҳтарин сухан дар робита ба ин мавзӯъ он ривояте аст, ки Ҷоҳиз аз каломи Уқба ибни Абӯсуфён ривоят карда аст. Уқба ибни Абӯсуфён ба мурабии писараш чунин гуфта аст: «**Якуминислоҳоте, ки ту нисбат ба фарзандони ман роҳандозӣ мекунӣ бояд ислоҳи худат бошад. Аввал худро ислоҳ кун, зеро чашми онҳо танҳо аъмоли туро мебинад. Дар назари онҳо хубӣ ҳамон аст, ки ту онро хуб мепиндорӣ ва амали зишт он аст, ки ту онро қабеҳ донӣ».**

Омӯзгор барои касби ахлоқи нек ниёзманд аст, зеро ӯ барои шогирдон намунаи ибрат шуморида мешавад. Шогирдон ба ӯ пайравӣ мекунанд. Аз нигоҳи равонӣ, фаъолтарин омили таъсиррасон барои шогирдон ин омӯзгор ба ҳисоб меравад. Аз тарафи дигар касби омӯзгорӣ низ аз соҳибаш ин сифоти ҳамидаро тақозо мекунад, то устод дар амали худ муваффақ гардад.

Муҳимтарин сифоте, ки мавҷудияти он барои муаллим зарурӣ ҳисобида мешавад, ба таври зерин аст:

1. Омӯзгор бояд ба андозаи лозимӣ аз фанни ахлоқ, сиёсат, ҷомеашиносӣ ва иқтисод бохабар бошад. Чунки ӯ барои ҷомеа хидмат мекунад ва шогирдонро ҳамчун узви фаъол ва судманд барои ҷомеа ба воя мерасонад. Барои омӯзгор бидуни огоҳӣ аз вазъи иқтисодӣ, ҳолати иҷтимоӣ, сиёсӣ ва арзишҳои ахлоқии ҷомеа адо намудани рисолати устодӣ имконнопазир аст. Ӯ бояд аз тамоми ин улум огоҳ бошад, то дар раванди амали таълимӣ ва тарбиявӣ тамоми ин ҷанбаҳоро ба инобат гирад;

2. Омӯзгор бояд нисбат ба шогирдони худ мушфиқу меҳрубон ва дилсӯз бошад. То бо ин роҳ дили шогирдонашро ба асорат гирад. Набояд сангдил ва сахтгир бошад, ки шогирдон аз ӯ нафрат дошта бошанд. Зеро ин амал ба он оварда мерасонад, ки ӯ дар миёни

шогирдон эҳтиромро аз даст медиҳад ва шогирдон нисбати ӯ нобовар мегарданд. Риояи низом аз ҷониби шогирдон танҳо болои эҳтиром ва итоат асос ёфта аст на болои сахтгириҳои бемаҳали омӯзгор;

3. Қобили зикр аст, ки набояд устод бештар аз ҳадди лозим нармхӯ бошад, зеро баъзан шояд шогирдон аз ин рафтори ӯ сӯистифода намоянд, балки омӯзгор ин гуфтаи ҳакими сухан ва муаллими тарбия, Саъдии Шерозиро барои худ шиор қарор диҳад: **«Дурўштиву нармӣ ба ҳам дар беҳ аст»!;**

4. Устод ҳамеша аз сифоти ҳикмат, зиракӣ ва ҷидият бояд истифода барад. Дар чунин сурат шогирдон эҳсос мекунанд, ки ба омӯзгор ниёз доранд ва ҳатман барои рафъи мушкилоти худ ба назди устодашон ҳозир мешаванд. Ҷиддияти устод дар қалби шогирдон ниҳоли эҳтиромро нисбат ба тамоми амалкарди ӯ месабзонад. Ҷиддият ба он маъно аст, ки ӯ бояд дар ҳар коре, ки азм кард онро ба субут расонад ва барои иҷрои он чандфикра нашавад. Вобаста ба алоқаи устоду шогирд баъзе аз донишмандон чунин гуфтаанд: «Иртиботи устоду шогирд пеш аз ҳама монанди алоқаи бародари бузург бо додаракони хурдӣ ва дӯстона аст. Соати дарсӣ танҳо барои бохабар шудан аз мушкилоти шогирдон ва роҳи ҳал пайдо кардан барои он мебошад»;

5. Дар адои рисолати омӯзгорӣ ихлоси комил дошта бошад. Ӯ бояд мақоми рисолати омӯзгориро ба инобат гирад. Аз ин нуқтаи назар бояд барои адои ин масъулият амин ва боихлос бошад. Аз худ садоқат нишон дихад ва маълумоти муфидро барои шогирдон интиқол дода, аз маълумоти зараровар худдорӣ намояд. Олими ҳақиқӣ касе аст, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯи илму маърифат камар баста худро аз сафи шогирдон боло намедонад. Вақти шогирдон ба назар гирифта шавад ва набояд фаромуш кард, ки омили асосӣ дар рӯ овардани шогирдон ба илм вобаста ба ихлоси омӯзгор аст.

**Хусусиятҳои касбии омӯзгор:**

1. Эҳтироми одоб ва қонуниятҳои касби омӯзгорӣ;

2. Омӯзиши мавод вобаста ба одобу ахлоқи омӯзгорӣ;

3. Инкишофи ҳамешагии маҳорати касбӣ (Ин сифат аз роҳи иттилооти бештар ҳосил кардан ва рӯз ба рӯз ба касби интихобкардаи худ ҳусни тоза бахшидан ба даст меояд);

4. Иртиботи доимӣ бо муҳити муассисаи таълимие, ки дар он фаъолият дорад. Ин хусусият чунин нуқтаҳоро дар бар мегирад:

- Иштироки фаъолона дар муносибатҳои сиёсӣ-миллӣ барои баланд бардоштани сатҳи шуурнокии шаҳрвандон ва донишҷӯён;
- Дар муассисаи таълимие, ки фаъолият дорад бо раёсати он доим дар тамос бошад ва кӯшиш кунад, ки миёни раёсат ва муҳити он муассисаи таълимӣ алоқаи доимӣ барпо гардад;
- Ба қадри тавон роҳбарияти он муассисаро барои инкишофи сатҳи маърифатии шогирдон аз нигоҳи касбӣ ва илмӣ роҳнамоӣ намояд;
- Бояд барои ҳалли мушкилот дар тамоми эҳтиёҷоти муҳити шогирдон ширкат намуда, бо онҳо ҳамкории доимӣ дошта бошад;
- Барои намоиш додани ахлоқи каримона бояд намунаи ибрат бошадва аз маконҳои шубҳаангез парҳез намояд;
- Бо мудирияти муассисаи таълимӣ барои боз ҳам равнақ додани ҷиҳатҳои таълиму тарбия ҳамкорӣ дошта бошад.

**Омодагии касбии омӯзгор**

Ҷойи шубҳа нест, ки бурду бохти масоили марбут ба таълиму тарбияи шогирдон ба омӯзгори муваффақ бастагии ниҳоят қавӣ дорад. Барои боз ҳам хубтар иҷро гаштани касби омӯзгорӣ аз ҷониби муаллим ва мураббӣ қаблан бояд шахсан худи ӯ омодагии касбӣ дошта бошад. Ӯ бояд дар раванди фаъолияти доимии худ бо як қатор барномаҳое, ки раёсат онро муҷаҳҳаз месозад ошно гашта, тамрин дода шавад. Албатта мудири муассисаи таълимӣ ин барномаҳоро барои такмили маҳорати омӯзгорӣ бо мутахассисони соҳа омода менамояд. Барои омӯзгори асил ва мутахассис гаштани шахс бояд барномаҳои таълимӣ ва тарбиявиро, ки аз се пояи асосӣ иборат аст аз худ намояд:

**1. Омодагии умумии илмӣ (ҷаҳонбинӣ)**

Муваффақияти омӯзгор дар ҳаёти умумии худ ва фаъолияти омӯзгориаш то як андоза ба ин нуқтаҳо бастагии зич дорад: васеъ будани доираи маълумоти умумии ӯ дар ҳар боб, аз мушкилоти ҷомеа, миллат ва олами бузурге, ки ӯро иҳота дорад огоҳ будан.

Бояд ӯ дараҷаи маърифатӣ, фалсафа ва ҳадафҳои ҷомеаеро, ки дар он ҳаёт ба сар мебарад бо тамоми паҳлӯҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ омӯзад. Илова бар ин аз маълумоти асосии асри худ, махсусан фарҳангу тамаддуни он бохабар бошад. Бо тамоми ин имкониятҳо ӯ метавонад, ки шогирдонашро аз фалсафаи ҳаёт, мубориза алайҳи мушкилоти он кӯмак намояд, то барои онҳо бо ин восита тавофуқи психологӣ ва иҷтимоиро фароҳам оварад. Шогирдон низ дар навбати худ бо ин роҳ барои тараққиёти ҷомеа метавонанд саҳмгузор бошанд. Аз ин сабаб бояд маърифатнокӣ ва маълумоти умумӣ дар ҳар боб бояд ҷузъи асосии барномаҳои тайёрии касбии омӯзгор бошад;

**2. Омодагии илмии тахассусӣ (тарбияи тахассусӣ)**

Ин омодагӣ ба навъи тахассусе вобаста аст, ки онро муаллим бо дарназардошти қудрат ва имкониятҳои илмии худ интихоб карда аст. Қабл аз он ки омӯзгор по ба майдони фаъолият гузорад бояд вобаста ба маводе, ки онро таълим медиҳад огоҳии комил дошта бошад, то барои таълими он фан салоҳият пайдо кунад ва бо методҳои нав ба нав онро ба шогирдон таълим диҳад. Шоистагии илмии омӯзгор дар ҳар фан ба андозаи огоҳии ӯ аз он фан вобаста аст. Махсусан фанҳое, ки бо забони хориҷӣ аст ӯ бояд ба андозаи лозимӣ аз ин забон огоҳ бошад;

**3. Омодагии касбии тахассусӣ (тарбияи касбӣ)**

Барои омӯзгори маваффақ гаштан танҳо иттилои васеъ доштан, маълумоти умумӣ касб кардан ва дар доираи тахассуси худ маҳорат пайдо кардан кифоя намекунад, балки илова бар ин омӯзгор бояд аз донишҳои тарбиявӣ, психологӣ ва таҷрибаҳои амалии таълим огоҳ бошад. Маҳз бо ин восита ӯ барои ба вуҷуд овардани донишҳо,

мафҳумҳои илмӣ, маҳоратҳо ва самтҳои тарбиявӣ ва тахассусии лозим дар фаъолияти омӯзгорӣ роҳ меёбад ва аз усули касби омӯзгорӣ, асосҳои таърихӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ ва психологии ин касб бохабар мегардад. Дар маҷмӯъ ӯ бояд аз донишҳои педагогӣ огоҳ бошад, то барои роҳнамоии шогирдон, идораи синф ва қудрат доштан барои истифодаи воситаҳои диданӣ ва шуниданӣ роҳ ёбад, яъне ниҳоятан барои ба вуҷуд овардани фалсафаи тарбиявии фаъол қудрат дошта бошад. Зеро чи тавре донишмандон мегӯянд: «Ҳеҷ касбе ба андозаи касби омӯзгорӣ барои инкишоф ёфтан аҳамиятнок нест, чунки касби мазкур аз шахс талошҳои пай дар пайи махсусро талаб мекунад».

Қобили зикр аст, ки пеш аз дохил кардани омӯзгор ба муассисаҳои таълимӣ бояд интихоби дуруст сурат гирад. Омӯзгорон санҷида шаванд ва ин санҷиш бояд дар асоси сифатҳои беҳтарини омӯзгори муваффақ сурат гирад. То ин ки ба касби омӯзгорӣ шахси ноаҳл ва ноӯҳдабаро хонда нашавад. Таҳқиқотҳои илмии соҳа тақрибан мавҷудияти бисту панҷ сифатро барои як омӯзгор ҳатмӣ нишон дода аст, ки он сифот ба таври зерин мебошад:

1. Қудрати иҷрои амали касбӣ;
2. Шахсияти ҷаззоб;
3. Соҳиби майли васеъ (майлба ҷомеа, касби интихоб карда ва майл ба шогирдон);
4. Нисбати касб диққати ҷиддӣ доштан;
5. Соҳиби завқи баланд, адаб ва ҳикмат;
6. Ҳамкорӣ бо ҳама;
7. Устуворӣ дар иҷрои касб;
8. Донишҳои васеъи воситаҳои методии шавқбарангезии дарс;
9. Худамал будан (яъне набояд касе ӯро барои иҷрои масъулияташ маҷбур кунад);
10. Шуҷоъ, ҷиддӣ, соҳибҳадаф;
11. Дурандеш ва бедордил;
12. Тандуруст;

13.Амонатнигоҳдор;

14.Дӯстдори касби омӯзгорӣ;

15.Мураббии ғамхор;

16.Ширингуфтор ва меҳрубон;

17.Покизарӯ, покизагуфтор, покизарафтор ва сухангӯи росту беибо;

18.Дорандаи уфуқи ақлии васеъ;

19.Нобиға;

20.Пешрав дар ҷиҳати амал;

21.Риояи низом;

22.Соҳибмаърифат ва дорои ахлоқи ҳамида;

23.Навҷӯ ва нововар;

24.Соҳибирода ва ботаҳаммул;

25.Парҳез аз зиёдаравӣ ва саҳлангорӣ.

Дар асоси он чӣ зикр гашт, метавон гуфт, ки вазифаи асосии муаллим аз тарбият иборат аст, яъне муаллим пеш аз ҳама тарбиятгар аст ва таълим ҷузъе аз касби тарбиявӣ диниста мешавад.

Тамоми ислоҳотеро, ки мо дар амали таълимӣ ҷустуҷӯ дорем ва ҳамеша дар орзӯи ба даст омадани он ҳастем ин аст, ки муаллим саропо мураббӣ бошад. То барои  ба даст овардани камолот ва расидан ба он барои сохтани шогирдони тавонои равшанфикри хушахлоқ кӯшиш намояд. Маҳз барои тарбияи инсоне кӯшиш намояд, ки ватандӯстдор аст ва барои ватани худ ҷоннисор  буда доим барои пешрафти он кӯшиш менамояд.

Шоёни зикр аст, ки барои  иҷро кардани масъулияти омӯзгорӣ бояд соҳиби шахсияти инсонии хос буда аз сифатҳои рӯҳӣ, имонӣ ва ахлоқӣ баҳраманд бошад. Набояд фаромӯш кард, ки «Кӣ як карда аз сад гуфтор беҳ» гуфтаанд, яъне таъсири амалӣ даҳчанди таъсири тарбияи қавлӣ аст.

**Сифатҳои шахсии муаллим ва мураббӣ**

Муаллим ва мураббӣ будан дар айни ҳоле, ки пуршарафтарин вазифа аст, инчунин масъулияти бузургеро аз соҳибаш талаб мекунад.

Таълиму тарбия танҳо бо донистани методҳои дурусти он самараи дилхоҳ намедиҳад, балки шахсияти худи муаллим ва мураббӣ низ дар он нақши бузург мебозад. Ӯ дар раванди таълиму тарбия яке аз рукнҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, метавонад, ки ҳам сабаби ободкориҳо ва ҳам сабаби харобкориҳои донишҷӯй гардад. Зеро вазифаи ӯ танҳо бо расонидани маводи таълимӣ ба шогирдон ба анҷом намерасад.

Аз ин сабаб дар дараҷаи аввал шахсияти худи муаллим лозим ва зарурӣ аст, ки соҳиби якчанд сифатҳо ва хусусиятҳо бошад.

Донишмандон роҷеъ ба сифатҳои шахсии муаллим ва мураббӣ дар таълифотҳои худ бобҳои махсусеро ба он ихтисос додаанд.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар китоби «Футувватномаи Султонӣ»-и худ барои соҳиб гаштани дараҷаи устодӣ бист сифатро шарт ва зарурӣ медонад.

Яке аз донишмандони дигар бо номи Фуод ибни Абдулазизи Шалҳуб китоберо таҳти унвони «Паёмбар нахустин омӯзгор» таълиф намуда, нуҳ сифати шахсии муаллим ва мураббиро бо тафсил зикр намудааст.

Сифатҳои зарурӣ барои устод аз ин қароранд:

1. Ихлос, садоқати муаллим;
2. Мувофиқати гуфтор ба кирдор;
3. Адл ва баробарӣ;
4. Ахлоқи ҳамида;
5. Тавозӯъ ва шуҷоат;
6. Ҳазлу шӯхӣ бо шогирдон;
7. Сабр ва фурӯ бурдани хашм;
8. Дурӣ ҷустан аз суханони зишт ва беҳуда;
9. Машваратпурсии ӯ аз дигарон.

**Сифатҳои арзишманди омӯзгор (Нақшаи №2)**

| № | Сатҳи муносиб | Сатҳи қобили қабул | Сатҳи бухронӣ |
|---|---|---|---|
| **1. Хусусиятҳои равонии шахс ҳамчун фард** | | | |
| | **Типи пурзӯри дар мувозинат-будаи системаиасаб** | **(Типи зӯри дар мувозинат набудаи) системаи асаб.** | **Типи сусту камҳаракати системаи асаб** |
| 1.1<br>1.2<br>1.3<br>1.4<br>1.5<br>1.6 | Тамоюл ба пешво будан<br>Боварӣ ба худ<br>Талабот<br>Некдилӣ ва дилсӯзӣ<br>Фишоромезӣ<br>Эҳсосзадагӣ | Ҳокимиятталабӣ<br>Худбоварӣ<br>Оштинопазирӣ<br>Мустақилияти нокифоят<br>Хӯрдагирӣ<br>Дармондагӣ | Золимӣ<br>Худдӯстдорӣ<br>Бераҳмӣ<br>Конформизии аз андоза берун<br>Парешонҳолӣ |
| **2. Омӯзгор дар сохтори муносибати байни шахсҳо** | | | |
| 2.1. | Тарзи бартарии демократии муошират | Бартарии тарзи авторитарии муошират | Тарзи бартарии либералии муошират |
| 2.2. | Танҳо низоъҳо и амалӣ дар сари масъалаҳои усулӣ | Набудани низоъҳо бо хонандагон ва ҳамкорон Сайъю кӯшиш барои | Мавҷудияти низоъҳои доимӣ дар аксари масъалаҳо |
| 2.3 | Сайъю кӯшиш барои ҳамкорӣ бо ҳамкасбон Худбаҳодиҳии миёна | рақобат бо ҳамкасбон Худбаҳодиҳии аз меъёр паст | Кӯшиши доимӣ ба муросо ва созиш намудан |
| 2.4 | Дараҷаи ҷудоӣ аз рӯи миқдор баробар ба 0 | Дараҷаи ҷудоӣ дар ҳудуди 10% | Худбаҳодиҳии аз меъёр баланд |
| **3. Хусусиятҳои касбии шахсияти омӯзгор** | | | |
| 3.1 | Пурдонӣ ва баёни озоди мавод | Танҳо донистани фанни худ | Кор аз рӯи хулосаматнҳо |
| 3.2. | Маҳорати баҳисобгирии хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии хонанда | Донистани психологияи синнусолӣ ва педагогии хонанда | Набудани донишу малака доир ба псих-яи синнусолӣ ва пед-гӣ |
| 3.3. | Суръати нутқ - 120-130 калима дар як дақиқа, лаҳни равшан, саводи умумӣ ва махсус | Суръати нутқ - камтар аз 120 калима дар як дақиқа, овози «гирифта» | Суръати нутқ болотар аз 150 калима дар як дақиқа, номутаносибии нутқ, |
| 3.4. | Намуди бовиқори зоҳирӣ, ҳаракати ифоданок | Намуди зоҳирии стандартӣ | Намуди зоҳирии номураттаб. |
| 3.5. | Аксуламали лаҳзавӣ ба вазъият, ҳозирҷавобӣ | Аксуламали оҳиста, ҳозирҷавобӣ | Набудани ҳозирҷавобӣ, аксуламали суст |
| 3.6. | Бо ном ба хонандагон муроҷиат кардан | Ба хонандагон бо насаб муроҷиат кардан | Муроҷиат бахонандагон бе истифодаи насаб |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3.7. | Ҳадафҳои шахсиро дуруст тарҳбандӣ карда тавонистан | Ҳадафҳои умумиро муайян карда тавонистан | Набудани маҳорати дақиқи ҳадафмандӣ |
| 3.8. | Кори таълими ҳамаи хонандагонро якбора ташкил карда тавонистан | Кори аксари хонандагонро ташкил карда тавонистан | Ғайрифаъол будани аксарият ташкил карда натавонистани кор |
| 3.9. | Доимо дараҷаи фаҳмида гирифтани маводи таълимиро тафтиш мекунад | Дараҷаи фаҳмида гирифтани маводи таълимиро давра ба давра тафтиш мекунад | Ҳеҷгоҳ дараҷаи фаҳмида гирифтани маводи таълимиро тафтиш намекунад |
| | | | |
| **4. Самаранокии фаъолияти касбӣ** | | | |
| 4.1. | Самаранокии машғулиятҳои таълимӣ 80 % ва болотар аз он | Самарнокии машғулиятҳои таълимӣ 68 – 84 % | Самаранокии машғулиятҳои таълимӣ 60-64 % |
| 4.2. | Аз рӯи талаботи сатҳи олӣ кор кардан | Аз рӯи талаботи сатҳи миёна кор кардан | Аз рӯи талаботи сатҳи паст кор кардан |
| 4.3. | Сатҳи ҳақиқии таҳсил дидагӣ 64 % | Сатҳи ҳақиқии таҳсилдидагӣ 36-63 % | Сатҳи умумии таҳсилдидагӣ -36 % |
| 4.4. | Рейтинги омӯзгор - 4,4 хол | Рейтинги омӯзгор -4,3 хол | Рейтинги омӯзгор 3,8 хол |
| | Микдори холҳо 100 | 75 | 50 |

Ҳамин тариқ дида, мешавад, ки сифатҳои касбии омӯзгор ба чунин хусусиятҳои фаъолияти психологӣ – педагогии ӯ вобастагии зич доранд:

а) ба шогирд ҳамчун ба инсон – ба шахсият эҳтиром бигзор (ин иҷрои қоидаи тиллоии қадимӣ аст, ки мефармояд: ба дигарон тавре бархурду муносибат кун, ки аз дигарон бар худ мехоҳӣ);

б) доимо дар ҷустуҷӯи имкониятҳои худинкишофдиҳӣ ва худкомилсозӣ бош (равшан аст, ҳар ки худ намеомӯзад, наметавонад эҳтиёҷу завқи хонданро дар дигарон бедор кунад);

в) ба донишҷӯ донишро ба гунае бидеҳ, ки ӯ бихоҳад ва тавонад онро фаро бигирад ва омода бошад онро дар шароитҳои мухталиф истифода намояд.

Ин дастурҳо моҳияти маҳоли асосии педагогиро инъикос мекунад: «танҳо шахсияти инсонро бояд тарбият ва ташаккул дод».

## МАВЗӮИ №3

### Тарбия ҷавҳари илми педагогика. Тарбия ҳамчун раванди ҷаъмиятӣ ва иҷтимоӣ. Тарбияи ҳаётӣ

***Масъалаҳои баррасишаванда:***

1. *Мавқеи тарбия дар раванди таълим. Роҳҳои ташаккули тарбия ва худтарбиякунӣ;*
2. *Телевизион ҳамчун воситаи тарбия, ҷанбаҳои таълимию тарбиявӣ;*
3. *Мактаб ва тарбияи ҳамешагӣ дар зиндагӣ. Авлавиятҳои тарбия;*
4. *Тарбия дар рӯҳияи дӯстӣ ва сулҳ, тарбияи таҳаммулпазирӣ ба маданияти халқиятҳо (поликультурное воспитание). Тарбияи ҳаётӣ.*

***АДАБИЁТ:***


1. *Вульфсон Б. П., Малькова З. А. Сравнительная педагогика, - М,: Издательство «Институт практической психологии» Ворнеж: НПО «МОДЕК», 1996*
2. *Джуринский А. Н. Развития образование в современном мире: Учебное пособие.- М.: Гуманитарный изд. центр ВЛАДОС, 1999.*
3. *Салимова К., Додде Н. Педагогика народов мира: История и современность.- М.: Педагогическое общество России, 2001.*


**I**. Назарияи тарбия – ин қисми таркибӣ ва асосии илми Педагогика ба шумор рафта, мазмуну мундариҷа, метод ва ташкили ҷараёни тарбияро дар раванди таълим меомӯзад. Албатта шарҳҳо мухталифанд… Тарбияро ҳамчунин раванди мақсаднок ва мутақобилаи байни устоду шогирд барои доро шудан ба арзишҳои маънавию маърифатӣ ва ташаккули шахсияти «комил» номидан мумкин аст. Агар мақсади тарбия ба нақша гирифтани ташаккули ҳаматарафаи шахсият бошад, ки ба воситаи таъсиротҳои махсуси педагогӣ ба вуҷуд меояд, пас вазифаи тарбия бояд фарогири системае бошад, ки роҳҳои ба ҳадаф расидани мақсадро ошкор созад.

Қонуниятҳои объективонаи (холисонаи) раванди тарбияро бо ҳама бисёрҷанбагӣ ва ихтилофоташон дар нақшаи №3 баррасӣ менамоем:

**Нақшаи №3.**

**Хусусиятҳои асосии қонуният ва принсипҳои раванди тарбия**

| Хусусиятҳо | Қонуниятҳо | Принсипҳо |
|---|---|---|
| Бисёрҷанба | Алоқаи мукаммал миёни муҳити ҷамъиятӣ ва сифатнокии раванди тарбия | Илмият ва мақсад-гузорӣ; Тарбия дар раванди фаъолият; |
| Бисёрсатҳӣ, бисёрсавия Камҷанба ва фазои фарогир | Алоқаи мукаммал миёни марҳилаҳои синусолии рушди шахсият ва мундариҷаи тарбия | Тарбияи гурӯҳӣ ва ба воситаи гурӯҳ; Муносибати инфиродӣ ва тафриқавӣ; |
| Ихтилофот ва мушки-лиҳои татбиқи тарбия | Алоқаи мукаммал миёни муоширааи мақсад-нок ташкил-шудаи фаъолияти инсон ва тарбия | Баҳамоии серталабӣ ва эҳтиром ба шахсият; Такя ба хулқи мусбӣ дар шахсият ва гурӯҳ; |
| Давомнокӣ ва мул-марҳила | Алоқаи мукаммал миёни таъсири маҳорати педагогӣ, меъёри сифатноки таъсиррасонӣ ва фаъолияти фаъоли тарбиягир | Ягонагӣ, мутобиқ, муташаккил, паёпай ва системанокии таъсири тарбия; Таълими ботарбият; Муносибати муташак-килона; Алоқаи тарбия бо ҳаёт. |

Раванди тарбия ташаккулдиҳандаи эътиқод, норма-қоидаи қабулшуда *(аз меъёр фарқ дорад-сухани муаллиф),* муносибат, усул ва қоидаҳои рафтори ҷамъиятии инсон аст. Тарбия албатта ба шуур, фаъолият, ирода ва ҳиссиёти шахсият таъсири бевосита мерасонад. Аз ин ҷост, ки илми педагогикаро илми **шахсиятофар** номидан мумкин аст. Ба воситаи тарбия дар инсон нишонаҳои хислат, маънавиёт, сифатҳои иродавӣ ва эстетикӣ, ҷаҳонбинӣ, табиӣ ташаккул ёфта, сифатҳои ҷисмонӣ рушд меёбанд ва саломатӣ низ муккамал мегардад.

Инкишофи ҳаматарафаи шахсият ин натиҷаи таъсиротҳои объективона ва субъективона, муташаккил ва паёпайи ҷараёни тарбия аст.

**Ҷавҳари илми Педагогика ин тарбият аст ва ҷавҳари тарбият ин ҷаҳонбинист.**

Чуноне, ки дар мавзӯи аввал зикраш рафт мафҳуми тарбияро 10 қисмати таркибӣ мавҷуд аст. Қисмати аввал яке аз муҳимтарин қисми таркибии тарбия буда ӯро ном **«Ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ»** мебошад, яъне тамомияти раванди таълиму тарбияро бо истифода аз мафҳумҳои педагогӣ пеш аз ҳама ба вуҷуд овардани **ҷаҳонбинии илмӣ** ташкил медиҳад, ки роҳи асосии ташаккули фардро ба сӯи камолот мекушояд.

**II.** (Сухане чанд дар бораи таъсири мусбат ва манфии телевизион дар Тоҷикистон)

Ҳанӯз дар марҳилаҳои аввали пайдоиши телевизион ду равияи ба якдигар зич алоқаманд пайдо шуда буданд:

- Телевизиони иттилоотӣ-маълумотӣ;

-Телевизиони таълимӣ - истифодаи телевизион ҳамчун воситаи таълим.

Истифодаи бемайлони телевизион ҳамчун воситаи таълим дар мамлакатҳои хориҷӣ нақши мубрамеро дар маълумоти миёна ва маълумотҳои базавӣ бозида истодаанд. Дар доираи барномаҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ аз ҷониби мутахассисон ва масъулони соҳаи маориф барномаҳои таълимӣ аз тариқи телевизион ба намоиш гузошта мешаванд, ки қобили дастгирист. Барномаҳои таълимии телевизионӣ бештар дар мамлакатҳои серзабона ба мисли Белгия, Швейсария ба иҷро мерасанд.

Марказҳо ва стансияҳои телевизионҳои таълимӣ ба якдигар зич алоқамандланд, ки ин имкони такрори мавзӯҳоро аз байн мебарад.

Телевизиони таълимӣ дар донишгоҳҳои олӣ ба воситаи системаи маҳдуди аудиторияҳо дарсҳои лексиониро мегузаронанд.

Телевизион яке аз воситаҳои сертаъсири иҷтимоишавии инсон ба шумор меравад. Ӯ дар ташаккули нормаҳои рафтор ва арзишҳои олӣ миёни наврасону ҷавонон нақши бузург дорад.

Кормандони воситаҳои ахбори омма, махсусан телевизион барои паҳн кардани барномаҳояшон ва таъсири онҳо ба шахсият ва омма аз методҳои мухталиф истифода мебаранд. Ҳамзамон бо пахши барномаҳо онҳо ба ҳолатҳои руҳӣ, тавоноии зеҳнӣ, замони пахши барнома, «аудитория» диққати махсус медиҳанд. Вобаста аз барнома ва вазифаи дар пеш гузоштаи он, «аудитория»-и вай, истифодаи усул ва методҳои мақсадноки муайянро истифода мебаранд.

Ба ин методҳо шомиланд:

1. *Методи иттилоотӣ;*
2. *Методҳои эҳсосӣ;*
3. *Методҳои ватангароёна;*
4. *Методҳои бавуҷудоварандаи тарс;*
5. *Методҳои ташкили ба даст овардани муваффақият;*
6. *Методҳои зарофатсанҷӣ.*

Ҳар кадом аз ин методҳо дорои вазифаҳои муайяни таъсир ба аудитория мебошанд. **Нақшаи №4.**

**Вазифаҳои муайяни таъсири методҳо ба аудитория**

| **Истифодаи методҳои ВАО** | **Волоиятҳои таъсири метод** |
|---|---|
| Методҳои иттилоотӣ | Тамошобини боиттило дар бораи ин ё он рӯйдод, ҳодиса ва инсон |
| Методҳои эҳсосӣ | Ташкили ҳолатҳои ҳассос ва фаъоли тамошобин ба ғамшарикии қаҳрамонони ҳодиса, асар ва ғайра |
| Методҳои ватангароёна | Таъсир ба эҳсосоти ватангароёнаи аудитория , ки ҳисси ифтихор ва ё нафратро бедор менамояд. |
| Методҳои даҳшатафкан | Бо роҳҳои сунъӣ ба вуҷуд овардани тарс бо мақсади ташаккули бадбинӣ нисбати ҳодиса , чизе ё касе |
| Методҳои ташкили ҳолатҳои ба даст овардани мувафақият | Мунтазам бедор намудани таваҷҷӯҳи истифодабарандагони иттилоот ва қаноат кунонидани онҳо ба пешрафти корҳояшон ва бор кардани вариантҳои муайяни ҳалли мушкилот |

| | |
|---|---|
| Методҳои зарофатсанҷӣ | Тамошобинро бо шӯхиҳои боадабона ва созанда барои дидан ва ислоҳи камбудиҳо ҷалб менамоянд. |
| **Методҳои махсус** | |
| Маҳсули ҷараёни қабули нодурусти воқеъият | Таасуроти ҳодисае, ки инсонро вобаста ба ҳодисаҳои даҳшатафкан ва афзоиши эҳсоси тарс, ба ваҷд меорад. |
| Ташкили фазои сахти эҳсосии ғамшарикӣ ва ба ӯ ворид сохтани амри воқеъӣ. (Барои бошиддат гузаштан аз мусиқиҳои махсус низ истифода мешавад). | Таъсироти бонуфузи психологӣ ба руҳи инсон, қабули иттилооти муайян ва дар ин муҳит фаро овардани муносибати нодуруст ва ғайривоқеӣ ба вай |
| Маҳсули мунтазам ба тариқи ғайри маҷбурӣ, лекин ба муҳлати дарози маънавию руҳӣ пешниҳод намудан | Пурра «бесилоҳ» гардонидани инсон ҳамчун истифодабарандаи иттилоот, ки дар натиҷа ӯ ҳамаи он чизеро, ки экран пешниҳод мекунад, қабул менамояд. |

***Воситаҳои ахбори омма*** *ҳам ҷанбаҳои мусбӣ ва ҳам ҷанбаҳои манфии рушди шахсиятро фаро гирифта метавонанд. Аз ин рӯ корманди педагогиро зарур аст, ки дар ҷараёни фаъолияти кориаш аз онҳо бохабар бошад.* ***Нақшаи№5.***

| **Тарафҳои мусбии ВАО** | **Тарафҳои манфии ВАО** |
|---|---|
| Оммавӣ будани иттилоот | Ягонагӣ дар тафаккур ва эҳсосот |
| Гирифтани донишҳо дар бораи ҷаҳон | Тасаввуроти ғалати дониш (иллюзия) |
| Суръатнокии иттилоот | Вайроншавии ритми дохилӣ |
| Азхуднамоии таҷрибаҳои зиндагӣ | Эҳсоснокии баланд ва корношоямиақл |
| Тамошои кинофилмҳои зиёд | Пайдоиши завқи бад ба ҳар гуна санъат |
| Фазои озоди истифодаи хонагӣ | Вақтгузаронихои бемаънӣ |

## МАВЗӮИ №4

## Назарияи ташкили тарбия дар мактаби олӣ. Хусусиятҳои тарбиявии таълим

***Масъалаҳои баррасишаванда:***

1. *Дарки моҳияти сохтори фаъолияти тарбиявӣ-педагогӣ;*
2. *Ҷузъиётҳои қобили қабули фаъолияти педагогӣ дар замони муосир;*
3. *Сохтори муосири тарбия дар фаъолияти педагогӣ;*

*Адабиёт:*

*1. Давыдов В.В. Виды обобщения в обучении. (Логико – психол. Проблемы построения учеб.предметов). – М.:Педагогика, 1972. – 424 с.*

*2. Деятельность преподавателя педвуза: проблемы совершенствования: Учебное пособие/Под ред. И.Е.Курова. - Горький: ГГПИ им. М.Горького, 1988. I 100с.*
*3. Назаров Р. Философии образования таджикского народа. Душанбе: 2010 -216 с.*
*4.Назри Яздонӣ. Ҳикмати озодагон. – Душанбе, 2009. – 276 саҳ.*
*5. Шарифзода Ф., Миралиев А. М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ./Зери назари академик М. Лутфуллоев. Душанбе: Ирфон,2012,- 562с.*

**I**. Тадқиқотҳои психологӣ-педагогии даҳсолаи охир шаҳодат аз он медиҳанд, ки системаи маълумоти олӣ дар кишвари мо инкишофи қобили қабули донишҷӯёнро вобаста аз талаботҳои замони муосир ба роҳ монда натавониста истодааст. Аз ин рӯ яке аз консепсияҳо дар модерникунонӣ ва навоварии таҳсилоти олӣ бояд дар алоқамандӣ ба инкишофи интеллектуалӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонии донишҷӯёни мактабҳои олӣ бошанд. Мо бояд ба донишҷӯён мустақилият, бархурдҳои мусбат ба илм ва дигар иттилоотҳо ва аз ҳама муҳим ба онҳо қобилияти фикр кардан, яъне дар раванди таълим инкишоф додани асосҳои муосири фикрронииро ташаккул диҳем. Вобаста аз талаботҳои замони муосир ба мо системаи таҳсилоти характери инкишофидошта лозим аст. Барои мустаҳкам ва мукаммал сохтани системаи таҳсилот моро зарур аст, ки ба масъалаҳои педагогӣ-психологии мафҳумҳои «дониш» «тафаккур» «фаъолият» ва «педагогикаи инкишофӣ» дуруст сарфаҳм рафта муносибатамонро ба онҳо аз нуқтаи назари фаҳмишҳо муайян созем. Табдили донишҳои илмӣ, аз ҷумла донишҳои педагогӣ ба як қувваи асосӣ ва универсиалии лозим барои фаъолияти ҳаёти самаранок ва бомаърифати ҷомеаи муосир бебаҳс таваҷҷӯҳи олимонро ба тадқиқотҳои ҳаматарафаи илмӣ боло мебарад. **Илм дар бораи «Педагогика» дар шароити имрӯз ин на фақат дониш, балки ин институти иҷтимоӣ, фаъолияти гурӯҳҳои мухталифи тадқиқотӣ ва яке аз тарзҳои муайяншудаи таъсироти байниҳамдигарии олим ва ҷомеа мебошад.** Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳама гуна таълим хусусияти тарбиявӣ дошта бо мақсади тарбия дода мешавад. ***Нақшаи №6.***

### *Хусусиятҳои тарбия дар мактаби олӣ*




Яке аз масъалаҳои муҳими илмҳои педагогӣ ин самарабахшии фаъолияти педагогӣ маҳсуб меёбад. Таҳлилҳои илмию амалӣ дар ин самт собит намудаанд, ки маҳорат ва санъати педагогӣ омили асосии рушди фаъолияти педагогӣ мебошанд. Маҳорат ва санъати педагогӣ

маҳз дар заминаи маърифат, дониш ва таҷриба тақвият меёбанд. Биноан омӯзгорро зарур аст, ки ҳамеша барои инкишофи маърифати хеш сайъ намояд.

Дар замони муосир вобаста ба вазъиятҳои педагогию психологӣ тарҳҳо (модулҳо)-и мухталиф роҷеъ ба фаъолияти педагогӣ аз ҷониби олимони соҳа пешниҳод шудааст.

**II.** Кобили зикр аст, ки модули нисбатан эътирофшуда дар замони муосир ин кашфиёти Н. В. Кузмина мебошад. Модули мазкур дар бисёр мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон имрӯз мавриди истифода қарор дорад. Дар тарҳи мазкур муҳаққиқи варзида барои рушди босуботи фаъолияти педагогӣ панҷ ҷузъиётро сарманшаи муваффақият медонад:

1. Ҷузъиёти гностикӣ (аз калимаи юнонии qnosis-дониш, таълимот, дарк кардан), ки ба соҳаи донишҳои педагогӣ низ дахл дорад. Дар ин маврид сухан на танҳо дар бораи донишҳои фаннӣ, балки оид ба усулҳои робитаи педагогӣ, хусусиятҳои психологии шогирдон, инчунин худшиносии онҳо дар рафти таҳсил ва шинохти худӣ меравад;

2. Ҷузъи тарҳрезӣ. Ҷузъи мазкур вазифаҳои дурнамои таълиму тарбия, ҳамзамон усулҳо ва ҳунари муваффақшавиро фаро мегирад;

3.Ҷузъи созандагӣ. Он хусусиятҳои нақшофарии фаъолияти инфиродии педагог ва дар ин замина фаоълии хонандагонро бо назардошти мақсадҳои ниҳоии таълиму тарбия дарбар мегирад (дарс, машғулият, силсилаи машғулиятҳо).

4. Ҷузъиёти робита. Ин қисмат хусусияти хоси иртиботии фаъолияти омӯзгору хонандагонро инъикос менамояд. Дар он таваҷҷӯҳ бештар ба алоқаи самаранокии фаъолияти педагогӣ, ки ҷиҳати ба даст овардани дастовардҳои дидактикӣ равона шудааст, зоҳир мегардад.

5. Ҷузъиёти ташкилотчигӣ. Ҷузъи мазкур низоми маҳорати ташкили фаъолияти шахсӣ ва ҳамзамон фаъолии шогирдонро дар бар мегирад.

III. Дар илми педагогикаи муосир консепсияи пешниҳоднамудаи А. К. Маркова оид ба фаъолияти педагогӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст: донишҳои педагогию психолгии касбӣ; маҳорати касбии педагогӣ; мавқеи касбии психологӣ аз дидгоҳи муаллим; хусусиятҳои фардии татбиққунандаи маҳорат ва донишҳои касбӣ.

Дар доираи консепсияи мазкур А. К. Маркова даҳ номгӯи маҳорати педагогиро муайян карда, матраҳ менамояд.

Гурӯҳи аввал як қатор малакаю маҳорати муаллим ташкил менамояд:
- дарёфти масъалаҳо дар вазъиятҳои педагогӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилот дар шакли вазифаҳои педагогӣ;
- мушаххас намудани вазифаҳои педагогӣ…

Гурӯҳи дуюми махоратҳои педагогӣ:
- кор бо мазмуну мӯҳтавои маводи таълимӣ;
- қобилияти тафсири иттилоотҳои педагогӣ;
- ташаккули малакаю маҳорати таълимию иҷтимоӣ ва ба роҳ мондани алоқаҳои фаннӣ…

Гурӯҳи сеюм - донишҳои педагогию психологӣ ва татбиқи амалии онҳо:
- алоқаи мушкилоти хонанда вобаста аз таҳсил;
- таҳия карда тавонистани нақшаи рушди фаъолияти педагогии худ.

Гурӯҳи чорум – истифодаи усулҳои мухталифи алоқавӣ, ки фазои солими равонӣ ва амниятиро дар муоширaт фароҳам меорад.

Гурӯҳи панҷум:
– тақозои муоширати сатҳи баланд;
- дарки мавқеи мусоҳиб ва таваҷҷӯҳ ба шахсияти вай;
- қобилияти истифодаи маҳорати нотиқӣ…

Гурӯҳи шашум - ин маҳорати нигоҳдории мавқеи мустаҳками педагогӣ бо дарки моҳияти касб.

Гурӯҳи ҳафтум – дарк намудани роҳҳои минбаъдаи инкишофи касбӣ.

Гурӯҳи хаштум – фарогири хислатҳои муайяни донишҳои азхуднамудаи шогирдон аст, ки дар давоми соли таҳсил гирифтаанд.

Гурӯҳи нуҳум - ин баҳогузории устод ба тарбияи шогирдон ва меъёри тарбиягирии онҳост.

Гурӯҳи даҳум- ин баҳои муаллим ба сифати кори худ аст.

# БОБИ II. НАЗАРИЯИ ТАЪЛИМ ДАР МАКТАБҲОИ ОЛИИ ТАХАССУСӢ (ДИДАКТИКА)

## МАВЗӮИ №5

### Асосҳои назариявӣ ва педагогии технологияи навини таълим

***Масъалаҳои баррасишаванда:***

1. *Компютер воситаи асосии самаранокии раванди таълим*
2. *Нақш ва вазифаҳои компютер дар фаъолияти таълимӣ*
3. *Мақсад ва роҳҳои мукаммалсозии ҷараёни таълим бо истифода аз воситаҳои техникӣ*

***АДАБИЁТ:***

*1. Давыдов, В. В. Теория развивающего обучения / В. В. Давыдов, -М. : Интор, 1996.- 222 с.*

*2. З. Ҷ. Наимов // Компютер воситаи асосии самаранокии раванди таълим. Маводҳои конфронси илмӣ-амалӣ, Муассисаи давлатии «Хонаи Ҷумҳуриявии Методӣ», Душанбе, «Маориф ва фарҳанг» - 2010. – С. 24-31.*

**I.** Вобаста аз талаботҳои замон ва инкишофи бемайлони техникаи компютерӣ, масъалаи беҳдошти сифати тайёрии касбии мутахассисони олидараҷа, ки тавониста бошанд роҳҳои ҳалли мураккабтарин масъалаҳои илмӣ-технологиро бо истифода аз компютер пайдо намоянд ба як масъалаи мубрами рӯз табдил ёфтааст.

Талаботи компютеркунонии пурраи таҳсилот дар замони муосир бараъло эҳсос гардида, компютер воситаи асосии фаъолгардонии ҷараёни таълим ва бештар намудани маҳсулнокии раванди он гардидааст. Истифодаи компютер дар ҷараёни таълим, ки амалиётҳои таълимиро бамаротиб афзуда, самаранокии онро дучанд мегардонад, донишҷуёнро дар як вақт дар ҷараёни таълим фаъол гардонида ба онҳо барои дарёфти посухи саволҳои ба худашон марбут вобаста ба мавзӯи таълимӣ имконият фароҳам меоварад. Ҳамзамон истифодаи компютер ба омӯзгор имкон медиҳад, ки ба ҳар як донишҷӯ дар ҷараёни дарси якҷоя таълимоти инфиродӣ низ бубарад. Ҷои баҳс

нест, ки компютер имрӯз яке аз воситаҳои пурқудрат ва ёрирасони омӯзгор гардидааст, ки замоне омӯзгор орзӯ ҳам намекард.

Инак давлат ва миллати мо дар марҳилае, қарор доранд, ки ногузир дар ҷаҳоникунонии ҳама соҳаҳо маҷбур ҳастем ва ин равандро истифодаи компютер дар соҳаи таҳсилот ниҳоят осон гардонида, чунин имкониятҳоро фаро меорад:

- имкониятҳои истифодаи барномаи таълимӣ хеле васеъ гардонида шаванд;

-моҳияти омӯзиш, ки он имконияти танзими барномаи вазифаҳои мураккаби таълимиро фаро овардааст, такмил дода шавад;

- таваҷҷӯҳи хонандагон ва донишҷӯён дар ҷараёни таълим фаъол гардида, онҳо на фақат барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ раҳнамун шаванд, балки қисме аз вазифаҳои идораи фаъолияти таълимӣ низ ба зимаи худи онҳо вогузор шавад;

- намудҳои истифодашавандаи вазифаҳои таълимӣ васеъ гардида, идораи ҷараёни татбиқ ва иҷрои онҳо низ нишон дода шавад;

- назорати фаоълияти таълимии донишҷӯёнро сифатан тағйир дода, имконияти идораи ҷараёни онро пиёда сохта, бо ин васила барномаи тайёр намудани мутахассисон осон гардад;

- Ҳаракати донишҷӯро дар рафти донишандӯзӣ ба рефлекс ташаккул диҳад.

**II.** Ногуфта намонад, ки истифодаи бемақсади компютер ҷанбаҳои формализмро (зоҳирпарастиро) инкишоф дода, имконияти гирифтани асосҳои илмиро дар зери нуфузи умумиятҳо дар шуури шахсият кам мегардонад ва онҳо аз ҳаёти ҳақиқӣ дур мемонанд. Бартарафсозии ин танҳо дар коркард ва созиши мазмуну мундариҷаи нави ташкили маводҳои барномаҳои таълимӣ, фаъолияти омӯзгории устодон ва кори таълимии донишҷӯён аст. Ин ба он маънист, ки истифодаи имконоти компютер дар моделикунонии ҳиссиёти ҷаҳони фаннӣ, мантиқи тадқиқот ва фаъолияти касбист.

Муҳим хондан ва гузаштани курси фаннӣ набуда, истифода карда тавонистани донишҳои азхудкарда, гузариш аз суханпардозиҳо ба тасаввуроти таҳлилии объект, ба моделикунонии хусусиятҳои хоси вай аз рӯи принсипи банақшагирӣ муҳим аст. Ана дар ҳамин ҳолат омӯзиши компютерӣ бартарияти худро аз тасаввуроти абстрактӣ ба конкретӣ бурда, дар шакли кушод ҷараёни азхуднамоии дониш ва малакаи дурусти педагогиро ба вуҷуд меоварад.

Аммо коркарди нодурусти масъалаҳои психологию педагогӣ, омӯзиши компютериро мураккаб мегардонанд. Масъалаҳои вуҷуддоштаро дар ин соҳа ба се гурӯҳ ҷудо менамоянд.

Гурӯҳи аввалро масъалаҳои алоқаманд ба асосҳои назариявии таълим ташкил мекунанд. Маҳсулнокӣ ва самаранокии барнома дар бисёр ҳолатҳо ба он вобаста аст, ки онҳо дар асоси кадом назария ва кадом ғояи психологию педагогӣ сохта шуда ба иҷро мерасанд.

Гурӯҳи дуюмро масъалаҳои асосноки технологияи компютерии ҷараёни таълим ташкил мекунанд. Ин ҷо маҷмӯи воситаҳое, ки барои ноил шудан ба мақсади фаъолияти таълимӣ ва тарзҳои фаъолият кардани худи ин сомона дар назар аст.

Гурӯҳи сеюмро масъалаҳои психологию педагогии банақшагирии барномаи таълимӣ ташкил мекунанд, ки бояд воситае шаванд барои истифодаи ин ё он технология дар ҷараёни асосии таълим.

Бартараф сохтани масъалаҳои зикршуда афзалияти истифодаи компютерро дар таълим собит сохта, талаби дигаргунсозии соҳаи таҳсилотро дар мактабҳои олӣ, ки бояд базаи худро дар асоси принсипҳои зерин ташкил намоянд, муайян месозад:

- созиш додани сомонаи таҳсилотеро, ки дар асл қудрати тайёр намудани ҷомеаро ба тағйиротҳои ҷиддии технологияи компютерӣ дошта бошад;

- потенсиали воситаҳои нави итилоотиро дар фаъолияти кулли мактабҳои олӣ қобили истифода қарор диҳад;

- тарафҳои номақбули ҷаҳони итилоотиро ба воситаи гуманитарикунонии муҳити педагогӣ ба танзим дарорад.

**III.** Бояд қайд намуд, ки маҳсулнокии истифодаи компютер дар ҷараёни таълим аз сифати барномасозиҳои воридшаванда вобастагии зиёд дорад. Баъзан оддитарин барнома дурбинӣ ва маҳсулнокии таълимро ғайри интизор афзоиш дода, дар асоси сомонасозии намудҳои барнома принсипи мустақилиятро, ки ҷавобгӯйи тасаввуротҳои педагогӣ мебошад ҷойгир мекунонад. Мустақилият дар ин маврид қобилияти иштироки донишҷӯён ва хонандагонро дар муайянсозии мазмун ва мундариҷаи фаъолияти худ, таъсиргузорӣ ба ҷараёни таълим, инчунин идораи воситаҳои истифодашаванда, яъне муҳимот ва барномаҳоро дар назар дорад. Таснифи (классификатсия) барнома пас аз баромад, аз шаклгирии кори таълими таълимдиҳанда то фарорасии имконияти кор кардани худи таълимгирандагон созиш дода мешавад.

Ҳарчанд ки имрӯз барномаҳои таълимии пурмаҳсул ва самаранок, ки дар асоси таҷрибаҳои шахсии кормандони соҳаи технологӣ ба вуҷуд омадаанд, бояд арз қоим бошем, ки коркарди асосҳои назариявии техникаи компютерӣ дар таълим ва тайёр намудани мутахассисин аз ду сар кори ҷонии кормандони соҳаи педагогӣ ва илми педагогика мебошад.

Роҳи дурусти баррасии маҷмӯи масъалаҳои таълимоти компютерӣ, ин тарзи дурусти интихоби мақсад ва мақсадгузории фаоълияти таълимию тарбиявие мебошанд, ки стратегияи дурбинонаи соҳаи таҳсилоти Тоҷикистонро ба ташаккул ва инкишофи шууру тафаккури шахсияти донишҷӯён равона мекунонад.

Бисёр мутафакирони соҳаи педагогика ва психология бар ин ақидаанд, ки ташкили назарияи таҳсилоти компютерӣ бояд дар асоси

психологияи фаъолияти инсон ба роҳ монда шавад ва фаоълияти таълимӣ бояд бунёдгари талаботҳои ибтидоӣ барои коркарди системаи таҳсилот бо истифода аз компютер гардад, ки чунин пешниҳод мешаванд:

1. Системаи компютерии таълим бояд барои фаъолияти таълимӣ махсус гардонида шавад. Онҳо бояд ба мақсади ташкил ва инкишофи ҷанбаҳои асосии системаи компютерии таълим ва ҳалли масъалаҳои дар ин самт ба вуҷудмеомада хизмат намоянд;

2. Системаи компютерии таълим бояд дар асоси таҳлили мундариҷавии объекти дониш бунёд гардад. Мазмун ва мундариҷаи системаҳои мухталиф ҷавобгӯйи системаҳои мухталифи донишҳо бошанд ва дар ин замина системае арзи вуҷуд кунад, ки талаботҳои гуногуни барномаҳои таълимии фанниро қаноатманд гардононад;

3. Ҳар як системаи таълимии асосёфта бо истифодаи компютер барои аз худ намудани системаи мафҳумҳои пешниҳодшуда вобаста ба ҳаракат ва амалиётҳои муайяни субъекти фаъолияти таълимӣ ташкил карда шавад. Ин имконият медиҳад, ки кор бо таълимгирандагон аз рӯи мантиқи фикрронӣ, аз азхуднамоии ҳаракатҳои ибтидоӣ ва оддӣ ба амалиётҳо барои омӯзиши мураккабиятҳои онҳо ташкил карда шавад. Аз ин рӯ системаи компютерии таълим марҳила ба марҳила имкониятҳои худро дар назди таълимгирандагон кушода азхуднамоии ин система аз тарафи онҳо ҳамчун ҷараёни азхуднамоии мундариҷавии мафҳумҳо ба роҳ монда мешавад;

4. Вобаста ба оне, ки яке аз самтҳои системаи компютерии таълим барои инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ ва маърифатии донишҷӯён ва пеш аз ҳама барои омӯзондани таҳиягарии (операторӣ) мундариҷаи мафҳумҳо равона шудааст, моро мебояд созиш ва азхуднамоии чунин системаро ба ҷанбаҳои моделикунонии объектӣ ва таҳиягарӣ ҷудо намоем ва нақши пешбарандаро ба тарафи таҳиягаронае, ки таҳлили

мундариҷавии объектро аз тарафи худи донишҷӯён фароовар аст, диҳем;

5. Системаи компютерии таълим бояд пайвандгари сифатии модели мӯлҳаракатӣ (динамикӣ) ва мураккабмаъноӣ (семиотикӣ) бошад. Истифодаи онҳо бояд дар асоси принсипи фаъолияти таҳиягарӣ ба роҳ монда шавад. Таълимгирандагон ба ин система набояд мутобиқ гарданд, балки бо он фаъолият намуда, align="" азнавмаълумотгирӣ ва амалиётҳояшонро мутобиқи ин система ба роҳ монда, инчунин ҳаракатҳои худро аз нуқтаи назари вазифаҳои дар пеш гузошташуда назорат намоянд;

6. Худ аз худ системаи таълим бо истифода аз компютер ҳамчун «педагог» ба ҳисоб намеравад, лекин нуқтаи охирони танзимгари ҷараёни таълим шуда метавонад. Вай ҳамчун қисмати таркибӣ дар системаи вазифаҳо ва бозиҳои таълимӣ ширкат варзида, ҳамзамон ҳар кадом системаи алоҳида, нақши воситаи ташкили фаъолияти ҳамҷояи педагог ва донишҷӯро бозида, шаклҳои зерини таъсири мутақобиларо таъмин менамояд:

- таснифи ҳаракат ва амалиётҳо дар сохтори ҳалли вазифаҳо байни иштирокчиёни мухталиф;
- назорати ҳамдигарӣ ва баҳои ҳаракат ва фаъолияти донишгирандагон дар ҷараёни системаи вазифаҳои таълимӣ;
- моделикунонии ҳамҷояи нақшаи таҳавулотҳои таҳсилотии объект;
- инъикос ва тасаввуроти рефлексии тарзи ҳалли вазифаҳои ҳалнамудаи дигарон барои ҳар як иштирокчӣ ва ё таълимгиранда. Шаклҳои ташкили муносибатҳои номбаршуда ба педагог имконият медиҳанд, ки компютерро барои ташаккули фаъолияти таълимӣ дар системаи полилоги гурӯҳӣ, яъне банақшагирии ҳолатҳои вазъияти педагогии таълим, ҳамчун инкишофдиҳандаи серҳаракатии педагог ва донишҷӯ истифода барад. Ин шакли мушаххаси идораи ҷараёни интериоризатсиониро бо роҳи табодули кушодаи ҷараёнҳои

интерпсихикӣ ба ҷараёни интрапсихикӣ дар ихтиёри педагог гузошта, имконияти дар асоси моделикунонии ҳамҷояи шаклҳои таълим бо ёрии компютер, ташаккули рефлексии муносибатҳои фаннӣ-мундариҷавиро ба ҳақиқати дар ҷараёни омӯзиш қарордошта табдил диҳад;

7. Коркарди системаи компютерии таълим бояд ҷанбаҳои синусолии инкишофи таълимгирандагонро ба назар гирад;

8. Созиши системаи компютерии таълим бояд дар асоси омӯзиши кушоди тарз ва усулҳои истифодаи вазъиятҳои мухталифи педагогии таълимӣ ба роҳ монда шаванд. Коркардҳои мувофиқ ва тадқиқотҳо бояд асосе бошанд барои омӯзиши имкониятҳои ҳар як система ва татбиқи онҳо дар таҷрибаи омӯзонидани фанни таълимӣ, дар мантиқ, мазмун ва мундариҷаи таъсиррасонӣ ба якдигар, ки муайянсози тағйирпазирии шиддатноки таҷрибаи касбӣ гашта тавонанд.

Бо дарназардошти оне, ки ҷараёни компютеркунонӣ дар бисёре аз мамлакатҳо муддатҳост, ки қобили истифода қарор дорад ва дар ин самт таҷрибаи кофӣ ҳосил гардидаанд моро зарур меояд, ки онҳоро бодиққат таҳлилу баррасӣ намуда, ҷиҳатҳои хуб ва шавқбарангези технологияи таълимоти компютериро дар системаи таҳсилоти Тоҷикистони азиз пурра ба роҳ гузорем.

## МАВЗӮИ №6

### Ҷараёни педагогӣ ва роҳҳои мукаммалшавии он дар мактаби олӣ

***Масъалаҳои баррасишаванда:***

1. *Мафҳум, моҳият ва мундариҷаи ҷараёни таълимӣ-педагогӣ дар мактаби олӣ;*
2. *Хусусиятҳои умумии ҷанбаҳои асосии ҷараёни таълимӣ-педагогӣ;*

***Адабиёт:***

1. *Каптерев П.Ф.Педагогический процесс // Избр. Пед. Соч. М. 1982.*
2. *Социальная педагогика / Под ред. В. А. Никитина. М. 2000.*
3. *Стефановская Т.А. Педагогика: наука и искусство. М. 1998.*

**I.** Фаъолияти касбии корманди мактаби олӣ аз системаҳои марҳилавии ҷараёнҳои муайян иборат аст. Мафҳуми «ҷараён» аз

вожаи лотинии processus – гузаштан, пешравӣ пайдо шудааст. ***Зери ин мафҳум дар адабиётҳои илмӣ тағйири ҳолатҳои марҳилавиеро меноманд, ки дар алоқамандӣ бо қонуниятҳои марҳилавии инкишоф ҳаракати ягонаро ба вуҷуд меоранд.***

Дар адабиётҳои педагогии муосир мафҳуми «ҷараёни педагогӣ» вуҷуд дорад. Аммо муносибати ягона ба ин мафҳум ҳанӯз арзи вуҷуд накардааст ва намунаи баъзеи онҳо чунинанд:

*а) Ҷараёни махсус ташкилшудаи мақсадноки байни устоду шогирд барои ҳалли вазифаҳои инкишофию таҳсилотӣ (В. А. Сластенин).*

*б) Ҳаракатҳои мутақобилаи устоду шогирд ба мақсади маълумот инкишоф ва ташаккули шахсияти хонанда (Т.А. Стефановская).*

Ба адабиётҳои педагогӣ ин мафҳум аввалин маротиба аз ҷониби педагоги шинохта П. Ф. Каптерев (1849-1922) ворид шудааст. Моҳият ва мазмуни ҷараёни педагогӣ низ аз тарафи ӯ соли 1904 дар китоби ***«Ҷараёни педагогӣ»*** кушода шудаанд.

Зери мафҳуми ҷараёни педагогӣ ӯ ***«ташаккули ҳаматарафаи шахсиятро дар заминаи худинкишофёбии фитрӣ мувофиқ ба идеали иҷтимоӣ»*** мефаҳмид ва ҷараёни иҷтимоӣ педагогиро ба гурӯҳҳои дохилӣ ва зоҳирӣ ҷудо намуд.

***Ҷараёни педагогии дохилӣ*** ба ақидаи Каптерев ин ***«ҷараёни худинкишофёбии инсон вобаста ба хусусиятҳои организм ва муҳит мебошад».*** Дар ин ҳолаторганизм бо қонуниятҳои ба худ хоси зиндагӣ амал карда таасуроташро дар худ ҳазм менамояд. Ҳама ҷараён хусусияти табиӣ дошта мутобиқи зарурат ба вуҷуд меояд, на аз ҷонибе.

Ҷараёни иҷтимоӣ – педагогии дохилӣ инъикосгари:

*а) Тасвири умумии инкишофи инсон.* Дар ин ҳолат ӯ (ҷараён) ба сифати намунаи чигунагии раванди инкишофи иҷтимоӣ-педагогии инсон хизмат менамояд ;

*б) Инкишоф, таълим ва тарбияи инсони мушаххас бо хусусият ва сифатҳои инфиродии хеш.*

***Ҷараёни педагогии (таълимӣ) зоҳирӣ (берунӣ)*** ба ақидаи Каптерев ин *«интиқоли таҷрибаҳои гузарондаи насли калонсол ва ҳамчунин ба шакли тайёр аз дигарон гирифтаи онҳо ба насли наврас аст».* Инро ба тарзи дигар ҳамчун *ҷараёни интиқоли маданияти гузаштагону ҳамзамонҳоямон ба оянлагон* номидан мумкин аст. Чунин муносибат ба ҷараёни педагогии зоҳирӣ ба маънии васеътараш инъикосгари ҷанбаҳои инкишофи ҳама гуна ҷомеаҳо шуда метавонад.

Дар муносибат ба ***инсон*** ҷараёни педагогии зоҳирӣ (берунӣ) ин:

*а) ҷараёни тарбияи инсон дар умум (танзими тарбия, азнавтарбиянамоӣ, ислоҳсозӣ);* Ҷиҳати технологии фаъолияти тарбиявӣ низ дар ҳамин аст.

*б) Ҷараёни ҳалли баъзе вазифаҳои тарбиявӣ дар муносибат ба инсонҳои нуқсонҳои инкишофи рӯҳидошта.* Дар ин сурат «ҷараён» инъикосгари фаъолияти тарбиявии ҷараёни махсуси технологист;

*в) Ҷараёни тарбиявии инсони мушаххас ва ҳалли вазифаҳои муайяни тарбиявӣ – амалигардонии технологияи кори тарбиявӣ.*

Байни *ҷараёнҳои педагогии дохилӣ ва берунӣ дар тарбияи инсони мушахас алоқамандӣ ва баҳамоварии шароитҳо мавҷуданд, ки характери умумии ҷараёни иҷтимоӣ-педагогии тарбияро* таъкид менамоянд.

***Ҷараёни иҷтимоӣ-педагогӣ – ин муносибати мутақобилаи коргари иҷтимоӣ ва муштарии ӯ барои ҳалли масъалаҳои вуҷуддоштаи иҷтимоии муштарӣ ба воситаи воситаҳои махсуси педагогӣ дар шароити муҳит мебошад.***

**II.** ***Хусусиятҳои ҷараёни иҷтимоӣ-педагогии дохилӣ.*** Ҳама гуна ҷараён аз марҳилаҳои инкишоф оғоз меёбад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки хусусиятҳои вай метавонанд тағйиротҳои *синнусолӣ, сифатӣ ва миқдории шахсият* бошанд, ки вобаста аз таъсири муҳити иҷтимоӣ-педагогӣ арзи вуҷуд кардаанд. Тағйиротҳои сифатиро дар бисёре аз мавридҳо ҳамчун ***марҳила*** хосиятбандӣ менамоянд.

Марҳилаҳо вобаста аз моҳияти ҷараёни тарбия ва инкишоф, шароит ва муҳлати он муайян карда мешаванд. Дар ҳар зина вай имкониятҳои тағйиротҳои сифатие, ки як марҳиларо аз дигараш фарқ кунонида баҳогузорӣ менамояд, ҷудо мекунад.

*Бо мазмуни васеъ* ин ҷараёни инкишофи иҷтимоии инсон дар муддати ҳаёти зиндагиаш мебошад. Дар ин ҳолат ***марҳила*** нишондиҳандаи хусусиятҳои хоси ҳар давра буда, ба вазъияти (статус) иҷтимоии инсон – кӯдак, донишҷӯ ва ғайра мувофиқат мекунад. *Ҷараёни иҷтимоӣ-педагогии дохилӣ* имконият фаро меорад, ки хусусиятҳои хоси инкишофи иҷтимоӣ ва рафтори инсонро дар ҳар *марҳилаи синнусол* дида тавонем. Педагогика ва психологияи синнусолии муосир марҳилаҳои инкишофи синнусолии инсонро вобаста аз тағйиротҳои синнусолӣ бо тамоми хусусиятҳояшон нишон додаанд. Донишҳои онҳо имконият медиҳанд, ки *раванди марҳилавии инкишофи иҷтимоии инсонро дуруст баҳогузорӣ намуда дар муайян намудани мақсад ва хусусиятҳои фаъолияти иҷтимоӣ – педагогӣ вобаста ба шароитҳои муҳит* ба ӯ ёрӣ расонанд.

***Хусусиятҳои ҷараёни иҷтимоӣ-педагогии зоҳирӣ.*** Маҳсулнокии амалигардонии имкониятҳои дохилӣ дар бисёр маврид ба воситаи ҷараёни иҷтимоӣ-педагогии зоҳирӣ муайян карда мешаванд. Бо кадом равиш ӯ шароитҳои лозимаро муҳайё месозад, сабабгори рушд ё таназули инкишоф мегардад ба он вобаста аст, ки *потенсиали ҷараёни иҷтимоӣ-педагогии дохилӣ* чӣ гуна амалӣ гардонда мешавад. Донистани ***моҳияти ҷараёни иҷтимоӣ-педагогии зоҳирӣ ва маҳорати истифода кардан аз ӯ*** дар фаъолияти касбии худ барои корманди иҷтимоӣ бисёр муҳим аст.

*Аз рӯи моҳияти худ ҷараёни иҷтимоӣ- педагогии зоҳирӣ – ин ҳаракати бо тартиби мақсадноки педагог (субъект), ки бо зарурати ташхисии инкишофи ҷараёни иҷтимоӣ-педагогии дохилии инсон*

*(объект) мебошад.* Ин барои дар мӯҳлати кӯтоҳ ва бо роҳи осон ба мақсад расидани мутахассис дар фаъолияти касбиаш кӯмак мерасонад.

Ҳангоми коркарди мундариҷавии ҷараёни иҷтимоӣ – педагогӣ ду намуди муносибатро раво мебинанд: *таҳлилӣ-таркибӣ (структурный) ва вазифавӣ (функциональный).*

***Муносибати таҳлилӣ – таркибӣ*** муайянкунандагони ҷузъҳои таркибии ҷараён ба ҳисоб рафта, метавонанд характери шартӣ ва ё вазифавӣ дошта бошанд.

***Муносибати вазифавӣ*** муайянкунандаи хусусиятҳои фаъолияти касбии мутахассиси мушахас дар ҳама марҳилаҳои фаъолият ба ҳисоб меравանд.

## Мавзӯи №7
## Назарияи фаъолияти таълимии педагог чун сомонаи (система)-и донишҳои илмӣ дар мактаби олӣ

***Масъалаҳои баррасишаванда:***

1. *Ташаккули назарияи омӯзиш – омили асосии инкишофи омӯзиш;*
2. *Шароитҳои муайянсоз ва қаноатбахши маҷмӯи донишҳо аз рӯи меъёрҳои назариявӣ;*
3. *Асосҳои ташкилкунанда ва сохтории назарияи омӯзишии фаъолияти педагог;*
4. *Қонуният ва принсипҳои ҷавҳарзои назарияи омӯзиши фаъолияти педагог;*

***Адабиёт:***

1. *Ананьев, Б. Г. О проблемах современного человековедения / Б. Г. Ананьев. – М. : Педагогика, 1980. – 317 с.*
2. *Андреев, И. Д. Теория как форма организации научного знания / И. Д. Андреев. – М. : Наука, 1079. 354 с.*
3. *Анохин, П. К. Философские аспекти функциональной системы / П. К.Анохин, - Медига, 1978. – 283 с.*

1. Ҳолатҳои мухталифи фаъолияти таълимӣ – омӯзишии педагог замоне қобили истифодаи самарабахш қарор мегиранд, ки онҳо ба як сомонаи (система)-и дониш дар шуури шахс ташаккул ёфта бошанд. Сомонасозии (систематизатсия)-и донишҳо дар шаклҳои мухталиф ба вуҷуд меоянд. Шакли басо мураккаб вале бисёр манфиатнок – ин ба намоиш ва қобили истифода қарор додани сомонае дар шакли назарияи дидактикӣ-омӯзишӣ мебошад.

Бо ин мақсад айни муддао мешуд агар мо назари нави муосирро ба назарияи таълимӣ – омӯзишии педагог, сохтор ва ташаккули вай пайдо созем. Чӣ хеле, ки таҳлилҳои адабӣ оид ба ин масъала нишон медиҳанд, назария бояд фарогири қисматҳо бошад. ҷузъи асосӣ барои поксозии (аз ҳар гуна суханпардозиҳои зиёдатӣ) дониш дар сомонаи назариявӣ ин поя, асоси (принсип)-и (принсип - аз лотинӣ – маънояш ибтидо, асос аст) назария ба ҳисоб меравад. Сутун ва асоси (принсип)-и назария бошад дар асоси ғоя (идея) пайдо мешавад. Ғоя ва принсип асоси назарияро ташкил дода, замина ва таҳкурсии боэътимоди он мегарданд. Меъёри дигар барои ин - мафҳум, қонун ва қонуниятҳост. Ҷанбаҳои дигар принсип, натиҷа ва қоидаҳо ҳастанд, ки дар ҳошияҳои меъёрҳои номбаршуда ба вуҷуд омадаанд. Ва оқибат таркиби назарияро далелҳое ташкил мекунанд, ки аз як тараф ҳамчун ашёи аввалӣ барои пайдоиши назарияҳои абстрактӣ дар воридшавӣ ба моҳияти дониш хизмат кардаанд ва аз тарафи дигар объекти назарияи фаҳмондадиҳӣ ва муҳокимаҳое, ки барои сохтори ׀оявии сомонаи дониш дар асоси принсипи назария ва қоидаҳои он истифода шудаанд ба ҳисоб меравconfigured. Ҳамин тариқ ҷавҳари назарияро ғоя, принсипи назария, мафҳум, қонун ва қонуниятҳо ташкил менамоянд.

<u>Пояи асосии ҷузъҳои васлкунандаро ба як сомона дар назарияи илмӣ асос (принсип) меноманд, ки бо такя ба ғоя ташкил шудааст.</u> Ва ҳамин принсип аст, ки маҷмуи донишҳоро дар шакли назарияҳои илмӣ ба ҳамдигар муттаҳид месозад. Ташаккули мақсадноки назария баъд аз ташаккули принсип ибтидо мегирад.

Донишҳои назариявӣ бо мурури замон метавонанд ба назария фақат дар ҳолати пок (синтез) шудани принсип табдил ёбанд. Бояд қайд намоем, ки дар асоси як ׀оя метавонад якчанд принсип ба вуҷуд биояд, лекин муҳим нест, ки меъёри умумиятҳои онҳо якхела бошанд. Дар ин ҳолат набояд принсипҳо дар бархурди мантиқӣ ба якдигар қарор гиранд, балки принсипи умумияти хурддошта таҳкимбахши

принсипи умумияти калондошта гардад. Аз ин бармеояд, ки назария метавонад дар асоси на фақат як принсип балки дар асоси якчанд принсип сохтор гирад.

Омӯзиш (дидактика) мутобиқи мафкураи мо бояд ҳамчун сомонаи донишҳои илмие, ки инъикосгари моҳияти фаъолияти педагогӣ ва маҳдудсози ҷараёни таълим гардидаанд, ташкил карда шавад. Ҳар як ҷузъи раванди таълим бояд мутобиқи назарияи муайян ба роҳ монда шавад. Бо ин васила барои сохтор ва ташаккули раванди омӯзиш (дидактика) бояд пеш аз ҳама назарияи фаъолияти таълимӣ-омӯзишии педагог, фаъолияти таълимии шогирдон, мазмуни маълумот, методҳои таълим, шаклҳои ташкили таълим, воситаҳои таълим, метод ва воситаҳои танзимсоз ва моҳиятноки шахсияти шогирд дар раванди таълим сохта шаванд.

II. Ҳамчунон муҳим аст, ки маҷмӯи донишҳо чун назария дар ҳолати қаноаткунанда ва дастраси шароитҳои зерин шинохта шаванд:

- Дар назария бояд донишҳои илмӣ дар бораи ҳақиқати аслии объекти муайян ҷойгир карда шаванд. Яъне бояд он назария маълумоти пурра ва ҳаматарафаро дар нисбати объект дошта бошад;

- Назария метавонад фарогири на ҳама маҷмуи донишҳо дар бораи ашё гардад, балки ҳамчун асоси (принсип)-и сомонавии он, ки дар алоқамандии ҳамдигар пайдо шудаанд ба ҳисоб гирифта шавад;

- Назария бояд фарогири донишҳо дар бораи сабабҳои алоқамандӣ, дар бораи қонуниятҳое, ки таъсири байниҳамдигарии элементҳои назарияро муайян сохта инкишофи онҳоро маълум намудаанд, бошад;

- Ин гуна сомонаи донишҳо бояд пурра мустақил бошанд, яъне афкори инкоркунандае барои онҳо вуҷуд надошта бошад;

- Назарияи илмӣ бояд асоси худро аз шумораи камтарини (минималӣ) ғояҳои ибтидоӣ (талаботи минимизатсияи назария) пайдо

созад. Муҳимияти ин бар он аст, ки назария бояд аз ҷиҳати мазмун инкорнашаванда ва аз ҷиҳати сохторӣ комил бошад.

(Шароитҳои номбаршударо бо далелҳои қонеъкунанда дар корҳои илмии педагоги маъруф И. Д. Андреев дарёфт намудан мумкин аст).

**III**. Яке аз вазифаҳои муҳими ташкили раванди таълим ин коркарди назарияи фаъолияти таълимӣ-омӯзишии педагог ба шумор меравад (аз ин ба баъд ФТОП).

Асосҳои он аз қисматҳои таркибии зерин иборатанд:

1. Принсипи поксози дониш ва ւояи назария;
2. «Аппарати» мафҳумӣ (терминологӣ);
3. Объекти омӯзиши фаъолияти педагог;
4. Сохтори педагогии фаъолияти таълимӣ-омӯзишӣ;
5. Консепсияи омӯзиш (дидактика);
6. Принсипи корӣ-вазифавии сомонаи таълимӣ-омӯзишӣ (дидактикӣ).

Ҳузури принсип ба мо имконият медиҳад, ки бо назарҳои тоза ба ташаккули яке аз назарияҳои дидактикӣ ва билхусус назарияи таълимӣ-омӯзишии фаъолияти педагог бингарем. Ин ба мо имконият медиҳад, ки маҷмуи донишҳои доштаамонро дар як сомона муттаҳид намоем.

Қисмати таркибии назария албатта мафҳум аст. Мафҳум ҳамчун шакли тафаккур ва пешниҳоди дониши илмӣ фарогири хусусиятҳои умумии ашё ва ҳаққонияте ҳаст, ки инъикосгари пайвандҳои муҳим ба ҳаёт мегардад.

Барои ташаккули фаъолияти таълимӣ-омӯзишии педагог ҷанбаҳои зерини мафҳумҳо истифода мешаванд:

а) фалсафаи мафҳум – дар навбати аввал унсурҳои мубоҳисавӣ (категорияҳои диалектикӣ), барои мисол, моҳият ва мафҳум, абстракт ва мушахас, объективӣ ва субъективӣ, шакл ва мазмун, сифат ва миқдор ва ғайра;

б) Мафҳуми мантиқӣ – гузаришӣ-ҳамҷояшавӣ (логико-интегративӣ), масалан, система, модел, идора, алоқаҳои баргарданда, алгоритм ва ғайра;
в) Мафҳумҳои умумипедагогӣ, масалан, таҳсилот, таълим, тарбия, таҷрибаи педагогӣ, маҳорати педагогӣ, педагог, шогирдон, таълимот ва ѝ.
г) Мафҳумҳои умумиомӯзишӣ, масалан, воситаҳои таълим, методҳои таълим, вазъиятҳои таълимӣ, вазифаҳои омӯзишӣ ва ғайра. Ҳамзамон назарияи ФТОП мафҳум ва воситаҳои махсуси худро инкишоф медиҳад. Ба сифати мисол мафҳумҳои фаъолияти таълимӣ-омӯзишии педагог (ФТОП), объекти ФТОП, сомонаи фаъолияти омӯзишӣ, намудҳои ФТОП, қонуниятҳои ФТОП, базиси дидактикӣ, принсипи фаъолияти сомонаи дидактикӣ ва ғайра.

Таълим ҳамчун сомона замоне ба фаъолият шуруъ мекунад, ки ҷараёни таълим оғоз мегирад ва бо тамом шудани он анҷом мепазирад. Аз ин бармеояд, ки барои раванди таълим асос ҳолати фаъолияти сомона ба шумор меравад, ки натиҷааш ҳамчун қисмати ташкилии таъсирбахш ба ташаккул ва фаъолияти вай вобаста буда, фарогири ҷанбаҳои худташаккулёбист. Ана ҳамин лаҳза, яъне дарназаргирии натиҷа ҳамчун омили ҳалкунанда маҳдудсозандаи мафҳуми «таъсири байниҳамдигарӣ» дар нисбати ҷузъиётҳои байниҳамдигарии сомона ба ҳисоб меравад. Фақат натиҷа метавонад таъсиротҳои лаҳзаина ва озоди ҷузъиётҳои сомонаро дар нисбати худ пурзӯр намояд.

Чӣ тавре, ки аз ин ҳолатҳо пайдост фурузоншавии натиҷа дар сомона таъсири муфиде ба ташаккул ва фаъолияти вай расонида метавонад. Яъне мафҳуми сомона бояд шакли дигаре нисбати ин мафҳум дар адабиётҳои педагогии анъанавӣ дошта бошад ва мафҳуми сомонаро П. К. Анохин чунин шарҳ медиҳад:

**<u>«Сомона гуфта маҷмуи ҷузъиётҳои интихобан арзи вуҷудкардаеро меноманд, ки дар он таъсир ва муносибати байниҳамдигарии ҷузъиётҳо хусусияти мусоидатии байниҳамдигариро барои ба даст овардани натиҷаи муфид, устувор ва собит месозад»</u>**

Ҷӯзъиётҳои интихобшуда дар фаъолияти сомонаи дидактикӣ бояд фарогири чунин таъсир ва муносибати байниҳамдигарии мутобиқ ба тасаввури вазифаи сомонае бошанд, ки он хусусияти мусоидатомезро барои дастрас намудани натиҷае, ки муайянсози мақсад аст фароҳам орад. Натиҷаи охирин ба воситаи натиҷаҳои андармиён ба даст меояд. Натиҷаҳои андармиён имконият медиҳанд, ки ҷараёни ислоҳдарорие, ки хусусияти танзимгариро дорост, ба роҳ монем.

Сомонаи дидактикиро мо ба тарзи дигар сомонаи ташкили раванди таълим меномем. Вай фарогири ҳамаи ҷанбаҳои раванди таълим ва алоқаи байниҳамдигарии онҳост. Баъд аз афзалият пайдо намудани ФТОП имкон дорад назария ва афкори асосии нав арзи вуҷуд намоянд.

Таълим аз мавқеи педагог ифодакунандаи сомонаи ташкили фаъолияти таълимии хонандагон дар шакли вазифавии сомонаи омӯзишӣ, ки дар асоси қонуниятҳои характери педагогӣ, маҷмӯи ҷузъиётҳои раванди таълим ифодагари алоқаи байниякдигарии хусусияти мусоидатидошта бо мақсади ба дастоварии натиҷаи лозима гардидаанд, мебошад.

Дар бораи қонун ва қонуниятҳое, ки ба назарияи ФТОП даромадаанд гуфтан роиҷ аст, ки онҳо баёнгари маҷмӯи қонунҳои умумидидактикӣ ва қисмӣ-назариявии инъикосгари махсусиятҳои ҳамон соҳаи фаъолияти педагогӣ мебошанд.

**IV**. Бо назардошти кушода шудани баъзе меъёрҳои моҳиятии алоқаи таълим дар соҳаи таҳқиқот асоси мукаммале вуҷуд дорад, ки қонуниятҳои фаъолияти таълимӣ-омӯзишии педагогро (ФТОП) чунин баён намоем:

1. Дар ФТОП барои ба даст овардани мақсади таълим педагог бояд вазифаи маълумотноккунонӣ, тарбиявӣ ва инкишофиашро ба сомон расонад, ки вазифаи асосии ФТОП ҳам ҳамин аст;

2. ФТОП нақши роҳбарӣ ва роҳнамоиро дар раванди таълим иҷро намуда, ба фаъолияти таълимии хонандагон алоқаманд ва вазифадор аст. Ин гуна қонуниятҳо дар адабиётҳои мухталифи педагогӣ бисёр во мехуранд;

3. Намуди афзалиятдошта дар ФТОП ин алоқамандии фаъолияти педагог ва хонандагон дар ҷараёни таълим аст, ки ташкили фаъолияти таълимии хонандагон ба ҳисоб меравад;

4. Дар сомонаи фаъолиятдоштаи дидактикӣ намуди афзалиятноки ФТОП ин ташкили фаъолияти таълимии хонандагон бо намудҳои дигари ин фаъолият, ки ба қисмати сохтории педагогӣ медароянд хусусияти мусоидкунандаро соҳиб аст. Дар ин қонуният яке аз хусусиятҳои асосии сомона ба иҷро мерасад;

5. ФТОП ҳар қадаре, ки мафиатовар бошад, ҳамон қадар дар ташкили дидактикии мундариҷаи маълумот ва баҳамоии абстраксия ва мушаххасот дар мувофиқат бо хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии имкониятҳои хонандагон пайдо мегардад;

6. ФТОП ҳар қадар манфиатовар бошад, ҳамон миқдор варианти ба ҳам омадани воситаҳои иттилоотии педагогӣ дар ҳалли вазифаҳои мушаххаси таълимӣ муфид аст;

Банақшагирии фаъолияти таълимӣ ҳамчун намуди ФТОП дар замоне манфиатноктар мегардад, ки агар нақшаи ба амал баровarда дар фаъолияти амалии консепсияи дидактикӣ, ки таълимро аз мавқеи педагог ҳамчун сомонаи ташкили фаъолияти таълимии шогирдон зери назар мегирад, ба эътибор гирифта шавад. Банақшагирӣ ҳамчун намуди фаъолияти педагог ҳадафи ба мақсадрасиро дорад. Лекин манфиатнокиаш аз дар назар гирифтани ҳамаи имконияту воситаҳо барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ вобаста аст.

## Мавзӯи №8
## Таълим ҳамчун системаи функсионалӣ ва қисми таркибии системаи педагогӣ дар мактаби олӣ

**Адабиёт:**


1. *Давыдов, В. В. Теория развивающего обучения / В. В. Давыдов, - М. : ИНТОР, 1996. – 546 с.*
2. *Кантор, И. М. Понятийно- терминологическая система «педагогика» / И. М. Кантор, - М. : Просвещение, 1980, - 186 с.*


Системаи педагогӣ (минбаъд СП) ифодагари маҷмуи ҷузъиётҳои сохторӣ, функсионалӣ ва алоқамандии байни онҳо барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳи мувофиқи мақсад бароҳмондашуда мебошад. СП аз зерсистемаҳо иборат аст ва зерсистема дар навбати худ аз қисматҳои таркибии дигар зергурӯҳҳо иборат мебошад. Чунин тақсимбандиро метавон давом дод, лекин дар ҳама ҳолат ба онҳо ҳангоми таҳлил бояд аз назари ҷузъҳои мустақили системаи педагогӣ назар кард.

Намуди зерсистема дар системаи педагогӣ системаи дидактикӣ ба ҳисоб меравад. Вай аз ҷузъиётҳои сохторӣ ва функсионалӣ таркиб ёфтааст. Ҷӯзъиётҳои сохторӣ чунинанд:

1. Педагогхо (П). 2) Шогирдон (Ш). 3) Мазмуни маълумот (ММ) 4) Шаклҳои ташкили ҷараёни педагогӣ (ШТҶП). 5) Методҳои ҷараёни педагогӣ (МҶП). 6. Воситаҳои ҷараёни педагогӣ (ВҶП). 7) Мақсади системаи педагогӣ (МСП). 8) Натиҷаи фаъолияти СП (НФ).Ҳамаи онҳо ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1. Базаи педагогӣ (педагог, шогирдон, мундариҷаи маълумот) 2. Танзими сохтори педагогӣ (шаклҳои ташкили ҷараёни педагогӣ, методҳои педагогӣ, воситаҳои ҷараёни педагогӣ) 3. Ҷузъиётҳои системаофар (мақсад, натиҷа). Ба ғайр аз ҷӯзъиётҳои сохторӣ ҷӯзъиётҳои функсионалии СП низ мавҷуданд.

Ҷузъиётҳои функсионалии системаи педагогӣ – ин алоқа ва таъсири байниҳамдигарӣ дар ҷараёни гузариш аз ҳолати ибтидоии элементҳои сохтории СП ба натиҷаи охирин ва ё амалиёт дар ҳалли идорӣ, педагогӣ ва вазифаҳои таълимӣ дар системаи педагогӣ, ки натиҷаи

умумиашон аз тайёр намудани шогирдон ба дастгирӣ ва инкишофи ҷомеаи инсонӣ ва таъмин намудани ҳаёт ва фаъолияти худ иборат аст, мебошад. Ба сифати элементҳои асосии функсионалии системаи педагогӣ Н. В. Кузмин элементҳои тадқиқотӣ (Т), банақшагирӣ (Бн), конструктивӣ (Кн), иттилоотӣ (И) ва ташкилотиро (Тш) ҷудо менамояд. Барои мисол имконияти ҷудсозии алоқа-таъсири байни ҳамдигарӣ ба субъект-субъективӣ ва субъект – объективӣ вуҷуд дорад ва боз ҷудосозии алоқа- таъсири байниҳамдигарӣ ба блокҳо дар алоқамандӣ ба ҷӯзъиётҳои таъсирбахш ба ин ё он гурӯҳ. Дар ин ҷо мо имконият пайдо месозем, ки алоқа-таъсири байниҳамдигарии ҷузъиётҳо ва элементҳои онҳоро, ки ба таркиби базаи педагогӣ, танзими сохтори педагогӣ ва дар гурӯҳи ҷӯзъиётҳои системасоз медароянд, ҷудо намоем. Дар ин ҳолат сатҳи алоқа – таъсири байниҳамдигарӣ аз рӯи меъёри аҳамиятнокӣ муайян мегардад (фақат барои база ва танзими сохтори педагогӣ). Ҳамин тариқ сатҳи аввалро алоқа-таъсири байниҳамдигарии байни ҷузъиётҳои базаи педагогӣ ташкил менамоянд. Сатҳи дуюм ин алоқаи ҷузъиётҳои базаи педагогӣ ва танзими сохтори педагогӣ мебошад. Сатҳи сеюмро бошад алоқаи байни ҷӯзъиётҳои танзимии сохтори педагогӣ ташкил менамоянд. Ҳамаи инро ба шакли нақша дида мебароем. **Нақшаи №7.**

**Сатҳи алоқамандии ҷӯзъиётҳои базаи педагогӣ ва танзими сохтори педагогӣ**



Ин фақат як намуди тақсимбандии алоқа-таъсири байниҳамдигарии системаи педагогӣ буда, роҳҳои дигари тақсимбандӣ низ вуҷуд доранд.

## МАВЗӮИ №9

### Фаъолияти таълимӣ ва масъаланокии раванди таълим дар мактаби олӣ

***Масъалаҳои баррасишаванда:***

1. *Ҷузъиётҳои сохторӣ ва вазифавии системаи педагогӣ;*
2. *Системаи функсионалӣ-дидактикӣ ва хусусиятҳои вай;*
3. *Барқароршавӣ дар системаи функсионалӣ – дидактикӣ.*

***Адабиёт:***


*1. Ашмарин Б. А. Теория и методика педагогических исследований в физическом воспитании / Б. А. Ашмарин. – М. : Физкультура и спорт, 1987.*

*2. Давыдов, В. В. Формирование учебной деятельности школьника / В. В. Давыдов, Х. Ломпшер , А.К. Маркова. –М.: Педагогика, 1982,-216 с.*


Дар донишгоҳҳои олӣ системаи таълиму тарбия дар асоси аз худ намудани системаи мундариҷавии фанҳои таълимӣ барои донишҷӯён ба роҳ монда мешавад. Меҳвари фанни таълимиро барномаи таълимӣ ва тайёрӣ ба фаъолияти касбӣ ташкил менамоянд. Барнома мундариҷаи фанни таълимиро инъикос намуда, дар навбати худ характери ҷараёни таълимро муайян месозад.

Мундариҷаи фанҳои таълимӣ бояд фароовари ташаккули тафаккури назариявии донишҷӯён дар асоси материализми диалектикӣ, мантиқ, назарияи азхуднамоӣ ва таъсири психологии вай бошад. Тафаккури назариявии донишҷӯён ҳангоми иҷрои фаъолияти таълимӣ ташаккул меёбад.

Ин намуди тафаккур бояд бо дарназардошти ҳалли вазъиятҳои педагогӣ созмон дода шавад. Аз ин рӯ моро зарур аст, ки мазмун ва мундариҷаи фанни таълимиро бо дарназардошти хусусиятҳои хос ва сохтори фаъолияти таълимӣ коркард намуда ба роҳ монем. Бо чунин

роҳ омӯзонидани фанҳо шароити лозимаро барои фаъолияти таълимии донишҷӯён фаро оварда, дар ташаккули тафаккури назариявии онҳо мусоидат мекунад.

**Таълим дода, тайёр намудани мутахассиси ҷавон ин маънои онро дорад, ки ӯ бояд пеш аз ҳама дорои нигоҳи нав дар ҳалли масъалаҳо, фаҳмиши ояндабинӣ, фароовари шароит ва имкониятҳои инкишоф на фақат дар ин ё он соҳаи истеҳсолот, балки дар маҷмуъ дар ҳама ҷанбаҳои касбӣ бо дарназардошти инфрасохтори иҷтимоӣ бошад. Ҳамчунин ба он маънист, ки ҳар як мутахассиси соҳа дар солимгардонии ҷомеа новобаста аз шароитҳо бояд тавоно бошад.**

Ҳаракатҳои тағйирпазирӣ дар ҷомеаи муосир характери навгонипарварии рӯ ба инкишофро гирифта, дар навбати худ тақсимоти дурусти нишондиҳандаҳои миқдорию сифатии неруҳои меҳнатиро пешниҳод менамоянд. Барои ба мақсад расидан моро зарур аст, ки дар ташкили ҷараёни фаъолияти касбӣ, мақсаднокии вай, ояндабинӣ, умумият ва серҳаракатӣ ва вобаста ба ин дар баланд бардоштани сатҳи кордонӣ ва дараҷаи тахассусии кормандони ҳамаи соҳаҳо махсусан кормандони идорӣ ва роҳбарӣ талаботҳои махсусро ба роҳ монем. Барои он, ки инсон монеаи инкишофи истеҳсолоту ҷомеа нагардад, зарур аст, ки ба ҷараёни таълим дар кори тайёр намудани мутахассис ва баланд бардоштани малакаю маҳорати ӯ бо дарназардошти аз худ намудани малакаю маҳорати эҷодии идорӣ ва зуду дуруст дарк намудани моҳияти масъалаҳо диққати махсус диҳем.

Мақсади таълимоти касбӣ дар ҳолати аз худ намудани роҳу усулҳои ҳалли вазифаю масъалаҳо чӣ дар соҳаи касбият ва чӣ дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ ба даст меояд. Ҳолати муосири инкишофи ҷомеаҳо тақозои воридсозии муносибат ва мундариҷаи нави ҷараёни таълимро ба донишҷӯён дорад, ки ҳанӯз аз рӯи принсипҳои дидактикӣ коркард нашудаанд. Яке аз роҳҳои пешбурди коркарди консепсияи нави мундариҷаи маълумот, ин пешниҳод ва

мутобиқсозии ғоя дар бораи зарурати омӯзиши асосҳои илм бо меъёри баланди умумиятҳои назариявӣ ва мундариҷавӣ мебошад. Имрӯз яке аз хусусияти асосии инкишофи дидактика таҳқиқи ҷараёни таълим дар раванди умумиятҳо ба шумор меравад. Дар адабиётҳои дидактикӣ оид ба мустақилияти хонандагон дар ҷараёни азхуднамоии дониш таҳқиқи чунин нишондодҳо ба роҳ монда шудааст:

1. Маҳорати мустақилона пайдо кардани дониш аз маъхазҳои гуногун ва гирифтани малакаю маҳорат аз роҳи азхуднамоӣ ва ё таҳқиқи мустақилона;
2. Маҳорати истифодаи онҳо дар корҳои амалӣ барои ҳалли масъалаҳои зиндагӣ.

Кӯшиши бедор ва равнақ додани мустақилияти эҷодии донишҷӯён маънои онро надорад, ки мо дар ниҳоди онҳо фаъолияти иҷрогариро аз байн бубарем. Ба ин паҳлӯи ҷараёни таълим олимон М. А. Данилов, Р. Г. Лемберг, Ю. К. Бабанский ва дигарон диққати ҷиддӣ додаанд. Онҳо алоқамандӣ ва ҳамдигарпурранамоии ин ду намуди фаъолиятро махсус қайд намудаанд. Ҳамзамон ҷустуҷӯи шароитҳои мусоид барои азхуднамоии дониш ба пайдоиши консепсияи масъаланокии ҷараёни таълим замина гузошт. Ҳангоме, ки фаъолияти таълимӣ характери эҷодӣ мегирад, суоли матраҳ ин аст, ки чӣ бояд кард то ин, ки шакли ҷараёни таълим бо ин талабот мусоидат намояд. Ҳангоми барассии мавзӯи ҷойгоҳ ва мақоми масъаланокии ҷараёни таълим мо бояд ба моҳияти он сарфаҳм равем. Яъне моҳияти масъаланокии ҷараёни таълим бояд ҷавобгӯи талаботи замон ва мувофиқи дархости давлатӣ дар соҳаи тайёр намудани мутахассисони соҳаҳо бошад.

## МАВЗӮИ №10

### Системаи таълим дар мактабҳои як қатор мамлакатҳо

***Масъалаҳои баррасишаванда:***

1. *Системаи муосири маориф дар Федератсияи Россия;*

2. *Системаи мактабу мактабдорӣ ва дар ШМА, Англия, Олмон ва Фаронса;*
3. *Моделҳои нави таълим дар Россия, ШМА, Аглия, Олмон ва Фаронса;*
4. *Системаи баҳисобгирӣ, санҷиш ва меъёри баҳогузорӣ дар Аврупо;*
5. *Методҳои дигари таълим.*

Системаи педагогии Л.Н. Толстой. А.С. Макаренко педагоги барҷаста ва навовар. Системаи педагогии В.И. Сухомлинский. Тавсифи фаъолияти педагогии педагогҳо – навоварҳо Шаталов, Ильина, Амоношвили ва дигарон.

**1.** Сохтори системаи муосири маориф дар ФР аз маҷмӯи зерин иборат аст: стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ; шакл ва дараҷаи меъёри гирифтани таҳсилот; шабакаҳои муассисаҳои таълимии амалкунандаи навъҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият; мақомоти идораи маориф ва муассисаю ташкилотҳои соҳаи маориф; хонандагон ва тарбиягирандагон; омӯзгорон ва дигар кормандон.

Дар системаи маориф имкон дорад сохторҳои дигаре, ки фаъолияташон ба гирифтани таҳсилот ва таъмини он вобаста мебошад, таъсис дода шаванд.

Дар ФР ба муассисаҳои таълимӣ намудҳои муассисаҳои зерин тааллуқ доранд: томактабӣ; таҳсилоти умумӣ; таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии касбӣ; таҳсилоти иловагӣ; таҳсилоти махсус; муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастор; муассисаҳои дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд.

**2. Дар ШМА:**

Дар ШМА таълим дар мактаб аз 6 – солагӣ шурӯъ шуда, аз рӯи қонун дар аксариати штатҳо то 16 солагӣ ҳатмист. Шабакаи мактаб аз муассисаҳои таълими давлатӣ (ҷамъиятӣ) ва хусусӣ (таълимаш пулакӣ) таркиб ёфтааст.

Мактаби ибтидоӣ дар ШМА «элементарӣ» номида шуда нисбат ба дигар мамлакатҳо давомноктар мебошад, курси таълим – 6 ва дар баъзе округҳо – 8 солро ташкил медиҳад. Дар мамлакат нақшаҳои таълимӣ, барномаи таълимӣ ва талаботи ягона оид ба машғулияти хонандагон вуҷуд надорад.

Мактаби миёна аз рӯи қоида ду зина дорад: хурд ва калон.

а) Дар мактаби миёнаи хурд (синфҳои VII - IҲ) системаи таълим ба тариқи тафриқавӣ (дифференсатсия) пурзӯр мегардад. Таълим дар дараҷаҳои мухталиф (барои «қобилиятнокҳо» ва «қобилият надоштаҳо») ба системаи фанҳои интихобӣ пурра карда мешавад. Наврасон дар синфҳои VII – IҲ таҳти санҷишҳои ҷиддӣ қарор мегиранд. Вобаста аз натиҷаи санҷишҳо (тестҳо) психолог – мушовирҳое, ки дар воҳиди кории мактаб дохил мешаванд, машваратҳоро оид ба интихоби касб (профориентатсионӣ) мегузаронанд.

б) Мактаби миёнаи калон (синфҳои Ҳ - ҲII) ба таълими касбӣ-соҳавӣ ҷудо мешавад, ки ҳамаи гуногуншаклии онро ба ду гурӯҳ – «академӣ» ва «амалӣ» ҷудо менамоянд. Барномаҳои таълимӣ дар онҳо вобаста аз мақсадҳои гузошташуда сифатан мухталиф мешаванд.

Нақшаи таълимии соҳаи «академӣ», ки аз рӯи он 30% мактаббачагони синни калон таълим мегиранд ба талаботҳои мактабҳои олӣ самт гирифта, дар худ маҷмӯи фанҳои барои мактабҳои муқаррарии академӣ характернок: алгебра, геометрия, физика, кимиё, биология, забонҳои хориҷӣ омӯзонида мешаванд.

Дар нақшаи таълимии соҳаи «амалӣ» фанҳои характери амалии типи химияи амалӣ, математикаи матлубот, косметика, муносибати оилавӣ ё ки курсҳое, ки тайёрии токасбӣ (дуредгарӣ, челонгарӣ, таъмири автомобил, компютер, муҳосибот ва ғайра) медиҳанд, бартарӣ доранд.

**ДАР АНГЛИЯ:**

Зинаи ибтидоии системаи маорифро муассисаҳои томактабии барои кӯдакони 2-5 сола ташкил медиҳанд. Онҳо мустақилона ва дар назди муассисаҳои таълимӣ фаъолият доранд. Фарогирии кӯдакон аз тарафи муассисаҳои томактабӣ 20% -ро ташкил медиҳад. Таълим аз 5 - солагӣ барои хурдсолон дар муассисаҳои томактабӣ шурӯъ мешавад.

Давомнокии соли таҳсил 38 ҳафтаро ташкил мекунад. Соли таҳсил се қисмат буда, таътили тобистона 6 ҳафта, таътили солинавӣ 2-3 ҳафта ва дар миёнаи соли хониш танаффуси якҳафтаина ҷорист. Давомнокии ҳафтаи таълим 5 рӯз аст. Давомнокии рӯзи таълим бошад аз соати 9 шурӯъ шуда то соати 15:30 бо назардошти хӯроки нисфирӯзӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар солҳои 60-80 қарни гузашта ташкили раванди таълими ғайрианъанавӣ дар Британияи Кабир шакли муайянеро касб намуд. Яке аз онҳо коллеҷ – Коутестор мебошад, ки дар он шакли таълими инфиродӣ ва гурӯҳӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин муассиса ҳар як омӯзгор ӯҳдадориҳои хоси худро иҷро мекунад: баъзеҳо лексия мехонанд, баъзеи дигар дарсҳои амалӣ, сеюмин корҳои лабораторӣ, чорумин машваратҳо гузаронида вазифаҳои хонагиро назорат мекунанд.

**Дар олмон:**

Дар Олмон системаи таълими ҳатмии 9-сола ба шаҳрвандон аз тарафи давлат ройгон кафолат дода мешавад. Таълим аз 6-солагӣ шурӯъ мешавад.

Системаи таълими баъди ибтидоӣ сохтори сешакла дорад: 1) мактаби асосӣ; 2) омӯзишгоҳ; 3) гимназия. Ин намуди мактабҳо аз рӯи мақсад, махсусият ва меъёри маълумоти умумӣ аз якдигар фарқ доранд:

Мактаби асосӣ (синфҳои 5-10)-ро дар бар мегирад, ки дар онҳо 50%-и наврасони ба синну солашон мувофиқ таълим гирифта, барои

дорои маълумоти миёнаи нопурра ва дар оянда маълумоти касбӣ шудан сафарбар мешаванд.

Омӯзишгоҳ – хонандагони синфҳои 5-10 ва ё 7-10-ро фаро гирифта дар баробари маълумоти миёнаи нопурра фарогири маълумоти ибтидоии касбӣ низ мешаванд.

Гимназия – синфҳои 5-13 ва 7-13 –ро фаро гирифта маълумоти миёнаи умумӣ ва ҳуқуқи дохил шудан ба муассисаҳои маълуомти олии намуди донишгоҳҳоро иҷозат медиҳад.

**Моделҳои** нави таълим дар корҳои тадқиқотии олимони Олмон дар солҳои 1990 дар китоби Мактаби ягона («Целостная школа») ба нашр расида буд, ки дар онҳо принсипи модерникунонии таълимоти мактабӣ пешниҳод шуд:

- шаклҳо ва методҳои таълим мутлақо нав шуда наметавонад, балки дар раванди таълим навовариҳо ворид намудан зарур аст;
- шаклҳои нави таълим бояд таҷрибаи таълимии хонандагонро идома дода фаъолияти эҷодию маърифатӣ ва мустақилиятро дар онҳо фаъол гардонад.

**Дар Фаронса:**

Дар мактаби ибтидоии Фаронса бахши панҷсолаи таълим ба се қисмат ҷудо мешавад: а) омодагӣ (1 сол); б) элементарӣ (содда), (2 сол); в) миёна (2 сол). Давомнокии дарсҳо дар як ҳафта 26 соатро ташкил мекунанд. Дар мактаби элементарӣ диққати асосӣ ба азхуд кардани моҳияти элементарӣ, нутқи бурро, хатнависӣ ва ҳисоб дода мешавад. Баъд аз солҳои 80-ум омӯзиши забонҳои хориҷӣ низ пурзӯр шуданд. Бо хотима ёфтани мактаби ибтидоӣ ҳамаи хонандагон барои гирифтани маълумоти миёнаи нопурра ба мактаби миёна сафарбар мешаванд (коллеҷи 4-сола). Маълумоти миёнаи умумӣ бошад дар литсейҳои 3-сола дода мешавад. Дар литсейҳои умумӣ ва маълумоти технологӣ (литсейҳои маълумоти умумӣ) тарзи чуқури тафриқавии таълим

ҳангоми гузаронидани аз синф ба синфи хонандагон ба роҳ монда шудааст.

**Моделҳои** таҳаввулотии системаи синфӣ – дарсӣ дар Фаронса аз солҳои 70-80-уми асри ҶҶ шурӯъ шудааст. Дар нақшаи аввал системаи таълими инфиродӣ ба роҳ монда шуда буд. Нақшаи дарсро низ тағйир дода, синфҳоро ба гурӯҳҳо тақсим намуда шаклҳои нави таълимро таҷриба менамоянд.

Дар мактаби ибтидоӣ рӯзи таълимиро ба ду қисмат (ми-тан) ва ҳафтаи таълимиро ба се қисмат (тер-тан) ҷудо намуда, қисмате аз вазифаи хонагиро низ ихтисор менамоянд;

Дар мактаби миёна бо роҳи мустақилияти меҳнатие, ки бо мақсади аз байн бурдани камфаъолиятӣ ва боло бурдани натиҷаҳои таълим аз тариқи таълимоти инфиродӣ ба роҳ монда шудааст. Барои мисол ташкили фаъолияти таълимӣ чунин аст: устодон ба як гурӯҳи хурди мактаббачагон мавзӯеро пешниҳод менамоянд; ҳар як устоди фаннӣ зермавзӯи худро пешкаши хонандагон мекунад; хонандагон ӯҳдадориҳояшонро тақсим намуда, ҳисоботи гурӯҳӣ тайёр карда аз натиҷаи корҳои иҷрошуда маълумот пешкаш мекунанд. Инро дар забони худашон «мини-мемуар» меноманд.

**3.** Моделҳои Россиягӣ: Дар Россия роҳҳои наву фаъоли мукаммалкунонии раванди таълиму тадрисро солҳои 60-80-уми асри гузашта омӯзгорон – навоварон С.Н.Лысенкова, И.П.Волков, Е.Н. Ильин, Т.И.Гончарова ибтидо гузоштанд.

- Методҳои таълими афзалиятнок дар мактабҳои ибтидоӣ. Мутобиқи ин метод мавзӯҳои мушкилфаҳм ба хонандагон новобаста аз барнома пешакӣ дода мешуд ва онҳо барои оянда омода карда мешуданд;
- Тарзу усулҳои корҳои таълимии гурӯҳӣ. Моҳияти ин тарзи кори таълимӣ дар он аст, ки ҳар як хонанда бо кӯмаки шарикдарсонаш имконияти васеъ намудани дониши худро пайдо менамояд.

Бо модерникунонии системаи синфӣ-дарсӣ таҷрибаи раванди таълими инфиродӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Ин шакли таълим дорои хусусиятҳои зерин аст: реҷаи инфиродӣ; низоми мӯътадили омӯзиши инфиродии маводи таълимӣ; истифодаи маводҳои асосии дидактикӣ барои корҳои мустақилона; бақайдгириии меъёри азхудкунии маводи таълимии минималӣ ва максималӣ; гурӯҳҳои таълимии фаъол; фаъолияти муаллим ҳамчун мушовир ва роҳнамо; фаъолнокии хонанда дар интихоби реҷаи таълим; ҳамкории муштараки устоду шогирд.

Дар замони муосир дар ҷаҳони ıарб чунин моделҳои таълим арзи вуҷуд кардаанд.

Модели Амрикоӣ: Мактаби миёнаи хурд – мактаби миёна— мактаби миёнаи калон – коллеҷи дусола – коллеҷи чорсола дар зерсохтори университет, магистратура ва аспирантура.

Модели фаронсавӣ: Коллеҷи ягона – технологӣ, касбӣ, литсеи маълумоти умумӣ – университет, магистратура, аспирантура.

Модели Олмонӣ: мактаби умумӣ – омезишгоҳҳо, гимназия ва мактаби асосӣ – институт, университет ва аспирантура.

Модели Англисӣ: мактабҳои муттаҳида – грамматикӣ ва мактаб-колеҷҳои муосир – университет, магистратура ва аспирантура

**3.** Назорати азхудкунии ҳар як фан аз ҷониби донишҷӯ дар доираи системаи холдиҳӣ – рейтингӣ (СХР) амалӣ мегардад.

Шӯрои илмӣ – методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нақшаи умумии СХР-ро таҳия намуда, факултет ва кафедраҳо нақшаю низомномаҳои баҳодиҳии рейтингиро барои фанҳои алоҳида дар ҳар як марҳилаи санҷишҳои ҷорӣ ва фосилавӣ тартиб медиҳанд.

Ҳар як донишҷӯ метавонад дар деканат ё маркази бақайдгиранда оид ба рейтинги академии худ маълумоти асоснок пайдо намояд.

Агар донишҷӯ дар давоми семестр на камтар аз 80% -и кредитҳоро соҳиб шуда, дар баробари ин 100% фанҳои ҳатмии барои ин семестр муқарраршударо аз худ кунад, ӯ имконияти дар семестри оянда давом додани таҳсилро пайдо мекунад.

Баҳои ҷамъбастӣ ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад:

- санҷишҳои рейтингии фосилавӣ – 50%;
- имтиҳони ҷамъбастӣ – 50%;

Баҳои ҷамъбастӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад.

$$Б_ч = \left[\frac{(СФ_1 + СФ_2)}{2}\right] x\ 0,5 + И_ч$$

дар ин ҷо:

$СФ_1$ – эквиваленти ададии баҳои санҷиши фосилавии якум;

$СФ_2$ – эквиваленти ададии баҳои санҷиши фосилавии дуюм;

$И_ч$ – эквиваленти ададии баҳои имтиҳони ҷамъбастӣ.

Ифодаи ҳуруфии баҳои имтиҳонӣ ва эквиваленти ададии он аз рӯи холҳои дар асоси вазни қиёсии ҷавобҳои дуруст ба дастовардаи донишҷӯ, ки бо фоиз ифода меёбанд, муайян карда мешавад.

# БОБИ III. МЕТОД, МЕТОДОЛОГИЯ ВА МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМ ДАР МАКТАБИ ОЛӢ

## МАВЗӮИ №11

### Методология ва методҳои илмӣ – тадқиқотӣ

***Масъалаҳои баррасишаванда:***

1. *Асосҳои методологии илми педагогика;*
2. *Методҳои умумии тадқиқоти педагогӣ.*

**I.** Сохтори донишҳои методологиро метавон дар чаҳор замина ё сатҳ мавриди баррасӣ қарор дод: а) заминаи фалсафӣ; б) заминаи умумиилмӣ; в) заминаи мушаххаси илмӣ; г) заминаи технологӣ.

Бунёди назарияҳои педагогӣ дар пояи тарҳҳои (моделҳои) фалсафии ҷаҳон сурат мегирад. Равияҳои фалсафие, ки дар бунёди назарияҳои педагогӣ ширкат доранд, иборатанд аз:

**1. Неотомизм.** Асосгузори ин равия файласуфи машҳури асримиёнагӣ Фомаи Аквинӣ ба шумор меравад. Пайравони неотомизм исбот месозанд, ки нақши дин дар тарбияи насли наврас ниҳоят бузург аст.

**2. Позитивизм ва неопозитивизм.** Барои пайравони ин ҷараён натиҷаҳое дурусту санҷидашуда ҳисобида мешаванд, ки бо ёрии усулҳои миқдорӣ ба вуҷуд омадаанд. Бар хилофи онҳо, пайравони ҷараёни неопозитивизм усулҳои илмҳои табииро мутлақ мешуморанд ва дар раванди омӯзишу таълим на ба мазмуни маърифату дониш, балки ба тарзу усули бадастоварии он баҳо мегузоранд. Барои онҳо на дониш, балки роҳҳои фарогирии он муҳимтар мебошад.

**3. Прагматизм.** Бунёдгузори педагогикаи прагматикӣ олими америкоӣ Ҷ. Дюӣ мебошад, ки тарзу усулҳои муҳими таълиму тарбияро пешниҳод намудааст ва намунаи онҳо: а) инкишофи фаъолияти бачагон; б) бедорсозии алоқаи онҳо ҳамчун ангезаи таълими кӯдак; в) афзоиши усулҳои амалӣ дар таълим ва ғайраҳо мебошанд.

4. **Материализми диалектикӣ.** Бузургтарин намояндагони ин ҷараён Карл Маркс ва Фридрих Энгелс мебошанд. Онҳо материализм (моддагароӣ) - ро бо диалектика омезиш доданд ва нақши амалияи иҷтимоиро дар маърифат ё шинохти ҳастӣ асоснок намуданд. Аҳкоми асосии ин равияи илмии фалсафӣ ба шарҳи зер аст: а) модда аз шуур пеш аст. Шуур дар зимни рушду инкишофи модда ба вуҷуд омада, дар асл маҳсули он аст; б) зуҳуроти олами воқеӣ бо шуур алоқаманду тобеи якдигаранд; в) тамоми ашё ва падидаҳо дар ҳаракат, инкишоф ва тағийрёбӣ қарор доранд.

**5. Экзистенсиализм.** Мафҳуми аслии ин равияи фалсафӣ - мавҷудият (экзистенсия) - ҳастии фардии инсоне мебошад, ки дар «Ман»-и худ ғарқ аст.

Барои пайравони ин равия ҷаҳони воқеӣ маҳз ба хотири ҳастии омили инсонӣ вуҷуд дорад. Пайравони ин равия донишҳои воқеиро инкор мекунанд.

**Муносибати аксиологӣ** асоси методологияи нави педагогӣ мебошад. Муносибати мазкур ба педагогикаи инсонӣ хос аст, ки инсонро ҳамчун мақсади олии ҷамъият медонад.

Илми педагогика боз фарогири чунин дараҷаҳои мушаххаси илмӣ аст:

а) муносибати шахсӣ; б) муносибати фаъолиятӣ; в) муносибати диалогӣ; г) муносибати фарҳангӣ; д) муносибати педагогӣ.

**Тадқиқоти амалӣ**. Мақсади аслии ин тадқиқот омӯзиши унсурҳои низоми педагогӣ мебошад ва дастуру роҳнамоиҳои мушаххаси илмӣ – амалиро фарогир аст.

2. Методҳои таҳқиқи педагогӣ иборатанд аз тарзу усулҳои омӯзиши зуҳуроти педагогӣ, касб ва маълумот роҷеъ ба онҳо бо мақсади муайян намудани қонуниятҳо ва робитаи мутақобилаи ин зуҳурот.

**Гурӯҳи аввали** методҳоро методҳои назариявии таҳқиқ ташкил мекунанд.

**Гурӯҳи дуввуми** методҳои таҳқиқи педагогӣ аз методҳои омӯзиши таҷрибаи педагогӣ иборатанд ва барои омӯзиши таҷрибаи пешқадам, иқдомоти навҷӯёна, ҳамчунин таҷрибаи муаллимони қаторӣ истифода мешаванд.

## МАВЗӮИ №12
### Истифодаи методҳои муосири таълим дар мактаби олӣ

Дар марҳилаҳои мухталифи инкишофи таҳсилоти муосир қадимишавӣ ва ё аз байн рафтани консепсияҳои анъанавии таълим, ки дар онҳо донишҷӯй вазифаҳои аз ҷониби муаллим супурдашударо иҷро мекард эҳсос мешавад. Таҳсилоти анъанавӣ барои гирифтани

донишҳои ташаккулдиҳандаи фаъолияти эҷодидошта таваҷҷӯҳи камтар зоҳир мекард. Ин ҷанбаи аз назарҳо пинҳонмондаро таҳсилоти муосир бо истифода аз методҳои нав коркард карда, ба роҳ монда истодааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои фаъоли низоми ҷаҳонии таҳсилот амал мекунанд, вале ҳанӯз дида мешавад, ки гирифтани дониш (таълим) дар маҳдудаи лексия ва маводи таълимӣ, ки дар дарсҳои амалӣ коркард мешаванд ба роҳ монда шудаасту халос.

Истифодаи методҳои муосири таълим муносибатҳои анъанавиро дар таълим тағйир дода, таваҷҷӯҳи донишҷӯёнро барои бедор кардани ҳиссиётҳои (интузиазм) эҷодии инфиродӣ равона месозанд, ки ин имконияти инкишофи қобилиятҳои амалии эҷодии мутахассиси ояндаро фаро меорад.

Ҳангоми истифодаи методҳои муосири таълим дар аудитория фазое (аура) арзи вуҷуд мекунад, ки он таҳрикдиҳандаи таваҷҷӯҳи донишҷӯён барои бедор нигоҳ доштани тафаккури онҳо дар ҷараёни дарс мегардад ва ин аст бартарии асосии истифодаи методҳои муосир дар низоми таҳсилоти ҷаҳони имрӯз.

Имрӯз зарурати мутобиққунонии методҳои муосири таълим ба ҷараёни тағйиротҳои барномаҳои таълимӣ дар Тоҷикистон арзи вуҷуд кардаанд. Муҳаққиқони соҳаи илмҳои тарбиятӣ мувazzаф ҳастанд, ки ҳамооҳангии созиши онҳоро барои ташаккули фарҳанги малакаҳои амалии донишҷӯён ба роҳ монанд, то ки онҳо заминаи пурқудрат дар фаъолияти касбии ояндаи мутахассисони ҷавон гарданд.

Мо дар мақола кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки масъалаи истифодаи методҳои муосирро дар амалияи таълимоти мактаби олӣ нишон дода, бартарияти онҳоро дар ташаккули маърифати касбӣ ва нерӯҳои таҳрикдиҳандагии онҳоро дар бедорсозии завқи гирифтани малакаҳои тахассусӣ барои мутахассисони мактабҳои олии ҷумҳурӣ нишон диҳем.

Дар марҳилаи кунунӣ дар таҷрибаҳои педагогии донишгоҳҳои ҷаҳон фаъол гардидани истифодаи методи баромадан аз ҳолатҳои мураккаб *(ситуационный метод)*, методи роҳнамоӣ барои ҳалли вазифаҳо *(метод ориентированный на задачи)*, методи зудамали марҳилавӣ *(метод кейс-стади)*, методи лоиҳа дар таълим *(проектный метод обучения)*, методи нақшофарӣ *(метод ролевых игр)* ва ғайра баръало эҳсос мешаванд.

Методи таълиме, ки барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ асос ёфтааст ба он нигаронида мешавад, ки вазифаҳои умумии таълимро ба қисматҳо ҷудо намояд. Дар ҷараёни таълим вазифаҳои мухталифи таълимӣ якдигарро иваз намуда, донишҳои назариявӣ барои иҷрои вазифаи на чандон калони марҳилавӣ мувазаф мегарданд. Иҷрои ин паҳлӯи вазифаи таълимӣ тавоноии донишҷӯёнро дар ҳамоҳангсозии донишҳои назариявӣ ба амалияи касбӣ фароҳам оварда, ин қобилиятро рушд медиҳад ва завқи донишомӯзиро дар оянддаи касбӣ низ бедор месозад.

Ҳангоми омӯзиши дилхоҳ мавзуъ, истифодаи методҳои нави таълим, ки барои иҷрои вазифаҳои мушаххас нигаронида шудаанд, имконияти мустақилона ба гурӯҳҳо тақсим шудан барои иҷрои вазифа ва ҳар як гурӯҳ муҷаҳаз ба «асбобҳо» *(донишҳои захирашудаи назариявӣ дар назар аст)* мешавад, ки барои ҳалли мушкилот ҷӣ дар истеҳсолот ва ҷӣ дигар масъалаҳои зиндагӣ мегардад. Дар ҷараёни таълим бо усулҳои нав ҳар як донишҷӯй нақши худ ва ҷойи муайяни худро ҳангоми кор-таълим дорад, ки ин дар оянда барои муайян шудани мавқеи иҷтимоии худи донишҷӯён дар ҷомеа замина мегузорад. Дар ҳақиқат донишҷӯй бояд ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои касбӣ уҳдадорӣ ва вазифаҳои худро донад. Муайян созад, ки мундариҷа ва ҷараёни фаъолияти меҳнатии ӯ аз кадом арзишҳо иборат аст ва ӯро ба куҷо мебарад ва масъулияти ӯ дар назди халқу ватан кадом аст?. Оё ӯ ба воситаи касби худ, худ ва ҷомеаро пеш бурда метавонад ё не?.

Ҳама гуна метод тибқи талаботҳои педагогӣ таъиноти махсуси худро дорад, вале баъзан зарурат пеш меояд, ки дар ҷараёни як дарс омӯзгор аз якчанд метод истифода барад. Масалан хангоми истифодаи методи лоиҳа мумкин аст, ки масъалаи лоиҳаи истеҳсоли ягон намуди маҳсулот пеш ояд, ки дар он аз вуҷуд ва бартараф сохтани масъалаҳои ташкили кор то охирон нуқтаи хизматрасонӣ бояд ба инобат гирифта шавад. Бо истифода аз ин метод омӯзгор маҳорати эҷодкории шогирдонро дар касби ояндаашон таҳқиқ карда, таваҷҷӯҳи онҳоро ба таълим фаро мегирад. Ҳамзамон қобилияти ҳалли масъалаҳои амалиро баҳогузорӣ намуда, инкишофи қобилиятҳои касбиро низ заминагузорӣ менамояд.

Ҳангоми истифодаи методи нақшофарӣ бошад, новобаста аз фанни таълимӣ омӯзгор метавонад иҷрои якчанд нақшро аз як донишҷӯй талаб намояд. Масалан дарси «Асосҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ (муҳосибӣ)» талаб дорад, ки донишҷӯй дар як замон нақши харидор, нақши муҳосиб, хазинадор ва таҳлилгари ҳисобдориро иҷро намояд. Ин ба мо имконият медиҳад, ки донишҷӯйро ба фазои умумии ҷараёни кори оянда ошно намоем.

Ҳамин тариқ методҳои таълим дар мактаби олӣ мухталиф буда, баамалбарории онҳо аз омӯзгор донишҳои баланди педагогиро талаб менамояд, то ки истифодаи онҳо мувофиқат ба мавзӯи таълимӣ дошта бошад.

Методҳои муосири таълим дар мактаби олӣ имконият медиҳанд, ки ба мақсади таълими босифаттар ноил гашта, ба донишҷӯён низ имконияти истифодаи донишҳои назариявиро дар амалияи фаъолияти меҳнатӣ – касбӣ нишон диҳем ва мутахассисони беҳтаринро ба ҷомеа равона созем.

Методҳо аз рӯи тақсимбандӣ гуногун мешаванд. Масалан тақсимбандии методҳое, ки дар заминаи сохтори ташаккули шахсият асос ёфтаанд. Нақшаи №8.

**Сохтори ташаккули шахсият**

| Методи ташаккули шуур | Методи ташаккули рафтор | Методи ташаккули ҳиссиёт |
|---|---|---|
| Ҳикоя | Машғулият | Тасвиб (писандидан) |
| Суҳбат | Тамрин | Таҳсин |
| Намоиш | Худидоракунӣ | Ҷазо |
| | | Назорат |

## МАВЗӮИ №13
## Методҳои омӯзиши фаъол дар тайёр намудани мутахассисони соҳаи иҷтимоӣ

Ҷомеаҳои муосир дар тайёр намудани мутахассисон дар мактаби олӣ диққати асосиро ба истифодаи методҳои муосири таълимӣ медиҳанд. Таҳсилоти муосир дар мактаби олӣ на танҳо барои фарогирии донишҳои зарурии назариявӣ нигаронида шудааст, балки ба инкишофи малакаҳои амалии донишҷӯён низ диққати ҷиддӣ медиҳад. Методҳои муосири таълимӣ муносибатҳои анъанавиро дар таълим тағйир дода, таваҷҷӯҳи донишҷӯёнро барои бедор кардани ҳиссиётҳои (интузиазм) эҷодии инфиродӣ равона месозанд, ки ин имконияти инкишофи қобилиятҳои амалии эҷодии мутахассиси ояндаро фаро меорад.

Таҳсилоти касбии мутахассисони соҳаи иҷтимоиро метавон ҳамчун базаи таъминоти мутахассисони соҳибтаҷрибаи соҳаи махсусгардонида-шудаи муассисаҳои мухталиф дар нигоҳдории тандурустӣ истифода намуд. Ҳар як муштарӣ талаботи мушахаси худро дошта, аз мутахассис дидгоҳи махсуси касбӣ, фаъолияти эҷодӣ, нормаҳои ахлоқӣ ва донишҳои технологиеро талаб мекунад, ки масъалаҳои муштариро дарҳол ҳал карда тавонад. Тайёр намудани чунин мутахассисонро ворид намудани методҳои омӯзиши фаъол дар барномаҳои таълимӣ хеле осон мегардонад. Рушду тараққиёти мамлакат бевосита ба саъю талоши насли эҷодкор алоқаманд аст ва ҷомеаи имрӯзаи кишвари моро зарур аст, ки дар тарбияи ворисони соҳибмаърифату донишманд муносибати бомасъулият дошта бошад. Ба ҳамагон маълум аст, ки имрӯз дар ҷомеаҳои муосири ҷаҳон моҳият ва мазмуну мундариҷаи таълиму тарбия таҷдиди назар кардаанд ва ҷомеаи Тоҷикистон низ дар ин раванд канор нахоҳад монд. Мусаллаҳ будани инсон ба донишҳои педагогӣ ва психологӣ ба ӯ ёрӣ мерасонад, ки аз ӯҳдаи ҳалли ҳама гуна вазъиятҳои носолими педагогӣ ва ҳаётӣ, ҳатто аз вазъиятҳои носолим дар ҷомеа низ баромада тавонад. Ташаккули маърифати касбӣ аз низоми барномаҳои таълимӣ бармеояд. Таҳия ва татбиқи мазмуни мундариҷаи барномаи таълимӣ ба истифодаи дурусти методҳо вобаста аст, ки методи омӯзиши фаъол яке аз онҳо ба шумор меравад. Бо истифода аз методи омӯзиши фаъол меъёри фаъолнокии сифатҳои шахсӣ баланд гардида, таълим нохудогоҳ хусусияти муносибати инсонгароёнаи кӯмаки

байнишахсиро барои ба мақсад расидани донишҷӯй касб карда, ташаккули назариявӣ ва амалии тафаккурро замина мегузорад. Ҳамзамон шахсияти мутахассиси ҷавон (оянда) инкишоф ёфта, шароит барои ташкил, дастгирӣ ва таҳрики идроки худфаъолиятӣ ва эҷодӣ барои донишҷӯ боз мегардад.

Дар илми педагогика ба методи омӯзиши фаъол муносибатҳои мухталиф вуҷуд доранд. Аз нуқтаи назари С. Я. Батышева методи омӯзиши фаъол таҳрикдиҳандаи фаъолияти маърифатӣ буда, асосан ба воситаи диалог ба роҳ монда мешавад. Табодули афкор барои ҳалли ин ё он масъала ба воситаи ин метод сурат гирифта, фаъолнокии донишҷӯён зиёда мегардад, ки ин дар навбати худ ба тафаккури эҷодии онҳо замина мегузорад. Лексияҳои проблемавӣ, семинар-мубоҳиса, тренинг, ҳалли ҳолатҳои мушахас (кейсҳо), бозиҳои корӣ, кор аз рӯи лоиҳа низ ба шакл ва методҳои омӯзиши фаъол таалуқ доранд. Методи омӯзиши фаъол ҳамчунин шаклҳои мухталифи корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯй (КИТД), корҳои курсӣ, кори дипломӣ, таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва бисёрҳаракатикунонии системаи таълимро фарогир аст. Фаъолгардонии донишҷӯй дар раванди таълим яке аз самтҳои ба даст овардани мақсад ва натиҷаи таълим ва тарбия дар инкишофи умумӣ ва касбии шахсияти мутахассиси оянда ба шумор меравад. Ҳамаи шаклҳои дар боло номбаршудаи методи омӯзиши фаъол дар фаъолияти таълимӣ-касбии донишҷӯй тарзе ба роҳ монда мешаванд, ки донишҷӯй дар мавқеи донишомӯз истода, тақрибан худро мутахассис эҳсос мекунад, чунки онҳо ба фаъолияти ҳақиқии касбӣ шабоҳати наздикӣ доранд.

## МАВЗӮИ №14
## Методи воридсозӣ ба фазои иҷтимоӣ-педагогӣ

Заминаи асосии ин методро фаросозии муҳити педагогӣ ва таъсири он ба ташаккул ва инкишофи шахсияти мутахассиси оянда ташкил мекунад. Идораи ҷараёни инкишофи шахсият ба воситаи муҳит ба воситаи ташкили низоми ҷараёни тарбия ба роҳ монда мешавад, ки иштирокчиёни он бевосита худи донишҷӯён маҳсуб меёбанд. Имкониятҳои таъсири муҳит бошад, аз ғизои маънавии ҷӯзъҳое, ки таркиби ҳаёти воқеъии субъекти муҳитро ташкил додаанд, вобаста аст. Барои мисол элементҳои ғизои маънавии мактаби Сухамлинский В. А. табиат буд. Дар колонияи “Бодрая жизнь”-и Шатской С. Т. бошад элементи ғизои маънавӣ меҳнати таълимӣ ба ҳисоб мерафт ва ғайра.

Умуман ҳамаи навҳои методи воридсозии фазои иҷтимоӣ-педагогӣ ба инкишофи шахсият таъсири мусбат мерасонанд, ки дар натиҷаи таъсири мутақобилаи ҳамаи субъектҳои он як фазои идеалие ба вуҷуд меояд, ки дар тарбияи маънавӣ-рӯҳӣ, фазои интеллектуалӣ-эҷодӣ ва умумифарҳангӣ саҳми босазо мегузорад.

## МАВЗӮИ №15
## Методи бавуҷудоварии ҳолатҳои масъалавӣ

Яке аз ҷӯзъҳои муҳими фаъолияти дарсӣ ин бавуҷудоварии проблема (масъала) мебошад, ки бо ҳама бархурдҳояш боз ҳам муҳаррики ҳаракатдиҳандаи тафаккури инсонӣ ба шумор меравад. Истифода карда тавонистани он имкониятҳои кушода гардонидани мазмуни маълумотро бо ҳама серҳарактиҳои вазифавии мазмуни мавзуҳо дар моделсозии фаъолияти педагогӣ ба вуҷуд меоранд. Онҳо бештар дар шакли бозиҳои таълимӣ ба роҳ монда мешаванд, ки фароовари шароити таҳрикдиҳандагии нерӯҳои нуҳуфтаи (потенсиали) донишҷӯён ба ҳисоб мераванд. Методи бавуҷудоварии ҳолатҳои масъалавӣ ҳолатҳои воқеъии фаъолияти касбиро дар раванди дарс таҷассум карда, донишҷӯро тақрибан ба ҳолати муқаррарии кор дар фаъолити ояндаи касбӣ наздик мегардонад.

## МАВЗӮИ №16
## Методи баромадан аз ҳолатҳои мураккаб

Методи баромадан аз ҳолатҳои мураккаб, фикр мекунам, ки дар заминаи методи ба вуҷуд овардани проблемаи таҳсилоти анъанавӣ пайдо шуда, каме шаклашро тағйир додааст. Мутобиқ ба талаботҳои ин метод омӯзгор ҳолати масъалавии мушахасеро ба вуҷуд меорад, ки шогирдон нохудогоҳ ба  фазое ворид шаванд, ки он барои ба сомон расонидани мақсади дарси муаллим кӯмак расонад.

Аҳамияти истифодаи ин метод боз дар он аст, ки шогирдон қобилиятҳои нуҳуфтаи худро ошкор сохта, ҳамзамон дар аудитория фазои таълимиеро ба вуҷуд меоранд, ки он таъсири хеле муфид дар ташаккули малакаҳои амалӣ-касбии тахассуси ояндаи онҳо мегузорад.

## МАВЗӮИ №17
## Методи роҳнамоӣ барои ҳалли вазифаҳо

Методи роҳнамоӣ барои ҳалли вазифаҳо дар таҷриба ҳамчун методи роҳнамоӣ ба ҳаракатҳои фаъолиятӣ метавонад истифода шавад.

Тибқи талаботҳои ин метод шогирдон дар аудитория шароитҳои реалии вазъияти кориро дар касби ояндаи худ лоиҳагузорӣ карда, ҳалли онро дар доираи мавзӯи таълимӣ ба роҳ мемонанд. Омӯзгор ҳангоми истифодаи методи роҳнамоӣ барои ҳалли вазифаҳо нақши роҳбари муассисаро иҷро мекунад. Дар анҷом омӯзгор ва донишҷӯён натиҷаи таълимро баҳогузорӣ мекунанд.

## МАВЗӮИ №18
### Методи зудамамалӣ дар марҳилаҳои омӯзиш (кейс-стади)

Методи зудамамалӣ дар марҳилаҳои омӯзиш солҳои зиёд аст, ки дар таҳсилоти хориҷӣ таҷриба ва истифода шуда, ҳамоҳангии барномаҳои таълимиро ба таҷрибаҳои амалӣ ифода мекунад [9, с. 57]. Ин метод нобаҳангом дар баъзе маврид пайдо шуда, аз омӯзгор зудамалиро дар ҳалли масъала талаб мекунад. Калиди асосӣ барои истифодаи муфиди методи «зудамалӣ дар марҳилаҳои омӯзиш» ин ҷудо намудани ҷанбаҳои баҳсбарангези мавзӯи таълимӣ ва роҳҳои ҳалли ҳарчӣ зудтари онҳо мебошад. Қисмати асосии ҷанбаҳои баҳсбарангези мавзӯи таълимӣ бояд ба ҳаёти реалии саҳнаҳои ҳақиқии корӣ мутобиқат намоянд. Бо истифода аз ин метод, ки дар он саҳнаҳои воқеии тахассуси оянда таҳлил ва муҳокима мешавад, донишҷӯён барои ҳалли вазифаҳои амалии ихтисоси ояндаашон тайёр мешаванд.

## МАВЗӮИ №19
### Методи лоиҳа дар таълим

Истифодаи методи лоиҳа дар таълим ин маънои ҳал карда тавонистани лоиҳаҳои ҳақиқиқии кориеро дорад, ки онҳо арзишҳои амалиро дар тахассусиояндаи донишҷӯён касб кардаанд.

Фаъолияти таълимӣ барои лоиҳаҳои кории ҳақиқӣ дар шакл ва заминаи маҷмӯи донишҳои тахассусӣ ташкил карда мешавад. Мутобиқ ба талаботҳои ин метод омӯзгор дар навбати аввал ба донишҷӯён якчанд идеяҳои лоиҳаро пешниҳод мекунад, ки баъди муҳокима онҳо вазифа ва мақсади лоиҳаро муайян кардаанд. Дар ҷараёни амалигардонии ин метод донишҷӯён ҳам қобилияти мустақилона ҳал кардани қарорҳои қабулшуда ва ҳам маҳорати амалигардонии ҳамкориҳои якҷояашонро сайқал мебахшанд.

## МАВЗӮИ №20

**Методи нақшофарӣ** ***(метод ролевых игр)***

Методи нақшофарӣ барои мутобиқшавии донишҷӯён ба фаъолияти корӣ ва ҳалли вазифаҳои касбӣ ҳанӯз дар даврони донишҷӯӣ истифода мешавад. Ин имконият медиҳад, ки раванди мутобиқшавии мутахассисони оянда зудтар ҷараён гирифта, фаъолияти касбӣ бештар сайқал ёбад. *( "Теория и практика современной науки" №12(66) 2020334 дальнейшей сократить цикл адаптации у студентов после поступления на работу [2, с. 58]).*

## МАВЗӮИ №21

## Методи таҳрикдиҳандаи ҳолатҳо

Мақсад аз истифодаи ин метод дар он аст, ки омӯзгор дар он ҳолати муайяни таълимро ташкил медиҳад. Ин созгори муҳите мешавад, ки дар он донишҷӯён донишҳои назариявиро дуруст аз худ карда, ҳамчунин дар фаҳмиши хусусиятҳои истифодаи онҳо дар амалияи касбӣ маълумоти асосиро дастрас мекунанд.

## МАВЗӮИ №22

## Методи навсозии ҳолатҳо дар ҷараёни таълим

Ин методро чӣ дар дарсҳои равияи гумманитарӣ ва чӣ дар дарсҳои равияи илмҳои дақиқ хеле бошиддат истифода кардан мумкин аст, ки дар баробари азхуд кардани донишҳои назариявӣ таҳрикдиҳанда ва ташаккулдиҳандаи тафаккури эҷодии донишҷӯён шуда метавонад. Масалан: Дар дарси таърихи навтарин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзӯи «Истиқлолияти Тоҷикистон» устод аввалан ҳолатҳои реалии муайяни таърихи гузаштаро ба донишҷӯён омӯзиш дода, баъд аз он ҳолатҳои дигари мутаносибан ба он давраро, ки метавонистанд арзи вуҷуд карда, ҷумҳуриро аз воридшавӣ ба як бӯҳрони шадиди ҷанги шаҳрвандӣ наҷот диҳанд, баррасӣ менамояд. Албатта ҳангоми баррасӣ омӯзгор реалият ва имкониятҳои вуҷуддоштаро дар он замон аз назарҳо дур накарда, бо шогирдон дар пайвастагӣ бо мавзӯҳои гузашта, ки пайвандгари ба он ҳолати вазнин дучор шудани мамлакати моро шарҳ медиҳанд, таҳлил мекунад. Ин

дар навбати худ ҳам иҷимоишавии шогирдонро метезонад ва ҳам тафаккури эҷодии онҳоро заминасозӣ карда, ғанӣ мегардонад.

Дар илмҳои дақиқ бошад ин ҷараён боз ҳам бошиддаттар мегузарад, чун дар ин илмҳо дилхоҳ масъала якчанд роҳҳои ҳал дорад ва шогирдон бевосита аз онҳо таълим мегиранд, аммо низоми муосири таълим аз омӯзгор тақрибан нақши роҳнаморо талаб карда, донишҷӯмеҳвариро сайқал дода истодааст, ки ин хеле хуб аст. Омӯзгор бо истифода аз ин метод ҳамзамон бо таълим ҷараёни тадқиқ ва таҳқиқгариро ба шогирдон ёд дода ба онҳо шино кардан дар дарёи пуртуғёни илм ва илмофариро меомӯзонад.

Истифодаи ин метод дар дарсҳои амалӣ ва лабораторӣ боз ҳам осонтар аст. Омӯзгор бо истифода аз ин метод ҳолати реалии истеҳсолотро *(масалан дар корхонаи дорусозӣ)* заминасозӣ карда, худро дар нақши роҳбари корхона мегузорад. Ҳамаи донишҷӯён бошанд дар нақши коргарон нақшофарӣ мекунанд, ки ин ҳамҷоя бо истифода аз методи нақшофарӣ ба роҳ монда шуда корро ниҳоят осон ва ҷараёни дарсро ниҳоят шавқбарангез мегардонад. Фаъолити донишҷӯён *(тибқи нақшаи офаридаи якҷояи устод бо шогирдон)* пурра озод гузошта мешавад. Онҳо аввалан танзими ҳисоббаробаркуниро сохта, масъалаҳои дар фаъолияти корхона вуҷуддоштаро баррасӣ мекунанд. Ин амалҳо имконият медиҳанд, ки онҳо ба ҷараёни истеҳсолот ғутавар гардида, маҳсулнокии ҷараёни корро дар корхона ва истифодаи донишҳои назариявии дар ҷараёни таълим гирифтаашонро дар амалия омӯзанд.

Методҳои дигари таълим:

1. Методи интерактивии таълим;
2. Лексияҳои ғайрианъанавӣ;
3. Усулҳои фаъолгардонии донишҷӯён дар дарсҳои лексионӣ;
4. Методҳои иҷрои вазифаҳои эҷодӣ;
5. Мусоҳиба, тренинг, мизи мудаввар;
6. Донишҷӯ дар вазифаи муаллим;
7. Чархи андешаҳо;
8. Мастер класс;
9. Экскурсия ва ғайра

Ҳамин тариқ барои ҳалли масъалаҳои стратегии таълим маҳдудият дар интихоби методҳо вуҷуд надорад.

### *АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДАШУДА:*

*1. Абрамова Г.С. Введение в практическую психологию. М., 1996. Професиональная деформация руководителя. М., 1997.*

*2. Азаров Ю.П. Семейная педагогика. М., 1993.*

*3. Беличева С.А. Основы превентивной психолгии. М., 1993.*

*4. Буянов М.И. Ребонек из неблагополучной семьи: Записки детского психиатра. М., 1998.*

*5. Басюк В.С. модель организации службы социально – психологического сопровождения в условыях десткого дома: теоретико-психологический аспект. М., 2001.*

*6. Боголомолова Н.Н. Социальная психология печати, радио и телевидения. М., 1991.*

*7. Бобнева М.И. Социальные нормы и регуляция поведения. М., 1978.*

*8. Васильев В.П. Юридическая психология. СПб., 1997.*

*9. Воспитание и развитие детей в детском доме / Ред.-сост. Н.П. Иванова. М., 1996.*

*10. Герасимов В.Н. Основы превентивной педагогики. М., 1995.*

*11. Голицын Г.А., Петров В.М. Информация – поведение – творчество. М., 1991.*

*12. Годфруа Ж. Что такое психология: В 2 т. М., 1993.*

*13. Грушин Б.А. Эффективность массовой информации и пропаганды: понятие и проблемы измерения. М., 1979.*

*14. Гражданский кодекс Российской Федерации // Полный сборник кодексов Российской Федерации. М., 2002. Ст. 31-33, 36, 39-40.*

*15. Девиантное поведения детей и подростков: проблемы и пути их решения / Под ред. В.А. Никитина. М., 1996.*

*16. Детский дом: уроки прошлого. М., 1990.*

*17. Декларация о социальных и правовых принципах, кашающихся защиты и благополучия детей, особенно при передаче детей на воспитание и их усыновлении нацианальном и международном уровнях // Всемирные федеральние законы об образовании и правах ребенка с комментариями. Р/н-Д., 2002.*

*18. Дюгейм Э. Социология образования. М., 1996.*

*19. Закон Российской Федарации «О средствах массовой информации» // Ведомости Верховного Совета РФ. 1992. №7.*

*20. Кащенко В.П. Педагогическая коррекция: Исправление недастатков характера у детей и подростков. М., 2000.*

*21. Курчинка М.Ш. Ребенок «с характером». СПб., 1996.*

*22. Лешан Э. Когда ваш ребонек сводит вас с ума. М., 1990.*

*23. Лесгафт П. Семейное воспитание ребенка и его значение. М., 1988.*

*24. Мардахаев Л.В. Введения в социальную педагогику. М., 1996.*

*25. Мардахаева Л.В., Липский И.А. Социальная педагогика: пути*

*развития // Ученые записки: Науч.–теор. сборник МГСУ. 1996. №2*

*26.З. Ҷ. Наимов, Низоми миллии ташаккули шахсият аз нигоҳи педагогӣ, - Маърифати омӯзгор,- Маҷалаи таълимӣ, методӣ, илмӣ ва оммавии Вазорати Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, №6, 2012. С. 2-5.*

*27. Назри Яздонӣ. Ҳикмати озодагон. – Душанбе, 2009. – 276 саҳ.*

*28. Немов Р.С. Психология образования: В 2 кн. М., 1994. Кн. 2.*

*29. Основы педагогического мастерства / Под ред. И.А. зязюн. М., 1989.*

*30. Практическая психология для преподавателей. М., 1997.*

*31. Профессиональная деформация руководителя. М., 1997.*

*32. Рабочая книга социального педагога: В. 2 ч. Орел, 1995 Ч. II.*

*33. Ремшмидт Х. подростковый и юношейкий возраст: проблемы становления личности. М., 1994.*

*34. Назаров Р. Философии образования таджикского народа. Душанбе: 2010 -216 с.*

*35. Назаров Р. Философия качества образования транформирующегося Таджикистана. Душанбе, «Дониш», 2011, -345 с.*

*36. Сайидҷаъфари Қодирӣ. Муъаллим. Душанбе: «Эр-граф», 2011. – 248 саҳ*

*37. Сорока – Росинский В.Н.педагогические сочинения М., 1991.*

*38. Степанов В.Г. Психология трудных школьников. М., 1998.*

*39. Сулаймонӣ С. Педагогикаи ислом: тарбия ва таълим дар Ирон (текст) / Зери наз. Х. Афзалов; АТТ ҶТ; ПРМ илмҳои педагогӣ; Атташеи фарҳанги ҶИИ. –Душанбе, 2008, - 250 саҳ.*

*40. Сухомлинский В.А. Трудные дети // Избр. произв: В 5 т. Киев, 1980.*

*41. Шарифзода Ф., Миралиев А. М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. /Зери назари академик М. Лутфуллоев. Душанбе: Ирфон,2012,-562с.*

*42. Шепель В.М. Управленческая психология. М., 1984.*

*43. Шибаева Л.В. программы психологической реабилитации школьников. М., 1996.*